- таҳлили тамоюлҳои рушди ҳаҷми умумӣ ва сохтори фурӯши чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ дар бозори озуқавории минтақа;
- пешниҳоди методологияи баҳодиҳии худтаъминкунии минтақа бо маҳсулоти хӯрокворӣ истеҳсоли маҳаллӣ ва татбиқи амалии он;
- муайян намудани дурнамои рушди захираҳои молии озуқаворӣ аз рӯйи гурӯҳҳо дар вилоят ва арзёбии пешбинишудаи худтаъминкунии минтақа аз ҷониби онҳо;

- оиндабинии иқтидори бозори гурӯҳҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ аз рӯйи гурӯҳҳои асосӣ ва таҳияи самтҳои рушди бозори озуқаворӣии минтақа.

**Объекти таҳқиқот** захираҳои молии бозори озуқаворӣии минтақавии вилояти Суғд маҳсуб меёбанд.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар ҷараёни ташаккулёбӣ ва рушди захираҳои молии бозори озуқаворӣии минтақавӣ ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити муосири бӯҳрони ҷаҳонии озуқаворӣ нақши захираҳои маҳаллии молҳои озуқаворӣ дар таъмини талаботи аҳолӣ ва зарурати баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии минтақаҳо бо маҳсулоти хӯрокворӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Рушди истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ба сатҳи қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба озуқаворӣ таъсири назаррас мерасонад.

**Асосҳои назариявии диссертатсияро** суханони бунёдии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузорӣ, санадҳои барномавӣ оид ба таъмини рушд ва танзими захираҳои молии бозори озуқаворӣии минтақавӣ, асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои бозори минтақавии озуқаворӣ ва таъминоти молии он ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаи маълумотро** кори диссертатсиониро маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати он дар вилояти Суғд, Саридораи кишоварзии вилояти Суғд, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маводҳои нашрияҳои даврӣ ва махсусгардонидашуда, интернет-захираҳо оид ба масъалаҳои рушди бозори озуқаворӣ ва захираҳои молӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар заминаи кафедраи иқтисоди миллӣ ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар давоми солҳои 2022-2025 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот дар** амиқтар кардани асосҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ бобати рушди захираҳои молии бозори озуқаворӣии минтақавии вилояти Суғд зоҳир мегардад, ки барои тавсеи ғунҷоиши он ва баланд бардоштани дараҷаи худтаъминкунии озуқаворӣии минтақа аз ҳисоби таъмини рушди истеҳсоли маҳсулоти маҳаллӣ равона карда шудааст.

**Ба натиҷаҳои назарраси унсури навгонии илмидошта инҳо шомил мешаванд**:

1. Мазмуни категорияи иқтисодии «бозори минтақавии озуқаворӣ» ошкор карда шуд ва мафҳуми «захираҳои молӣ»-и бозори озуқаворӣии минтақа мушаххас карда шуда, афзоиши нақши захираҳои молии истеҳсоли маҳаллӣ дар ҳалли мушкилоти таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ дар шароити буҳрони ҷаҳонии озуқаворӣ асоснок карда шуд.

2. Тамоюлҳои рушди захираҳои молӣ дар бозори озуқаворӣии минтақа муайян карда шудаанд, ки дар афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣии маҳаллӣ ва тавсеаи воридоти маҳсулоте, ки дар минтақа истеҳсол кардан

ғайриимкон ё номуносиб аст, ҳангоми ҳавасмандгардонии воридотивазкунӣ ифода меёбанд.

3. Дар заминаи таҳлили ҳаҷм ва сохтори умумии гардиши молҳои чакана, инчунин хароҷоти истеъмолии хоҷагиҳои хонаводагӣ (аз рӯйи маълумоти тадқиқоти интихобӣ) сатҳи рушди бозори молҳои озуқаворӣии вилояти Суғд баҳо дода шуд, ки бо суръати нисбатан баланди афзоиши фурӯши молҳои чорводорӣ ва маҳсулоти меваву сабзавот зимни суръати нисбатан пасти афзоиши фурӯши маҳсулоти ордӣ ва картошка тавсиф карда мешавад.

4. Дар доираи таҳқиқот сатҳи худтаъминкунии минтақа бо маҳсулоти хӯрокворӣи маҳаллӣ дар асоси муқоисаи ҳаҷми истеҳсолот бо сатҳи истеъмоли воқеӣ ва меъёрӣ арзёбӣ карда шуд: а) ҳаҷми умумии истеҳсоли молҳо, аз қабили сабзавот, бодиринг, мева ва буттамева, ангур, картошка ва тухм аз истеъмоли воқеии онҳо дар минтақа зиёдтар аст. Ин зиёдомад дар муқоиса бо ҳаҷми умумии талабот, ки дар асоси меъёрҳои физиологии истеъмол ҳисоб карда шудааст, нигоҳ дошта мешавад, ки барои зиёд кардани таҳвилоти содиротӣ ба кишварҳои хориҷӣ ва содирот ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ имконият фароҳам меорад; б) ҳаҷми умумии истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, моҳӣ ва маҳсулоти баҳрӣ, равғани растанӣ ва маҳсулоти қаннодӣ ҳам ҳаҷми умумии истеъмоли онҳо ва ҳам ҳаҷми таламботро, ки дар сатҳи меъёрҳои физиологӣ ҳисоб карда шудаанд, фаро намегиранд. Ин молҳо ба таври назаррас тавассути воридот ба бозор ворид мешаванд ва аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ оварда мешаванд. Ин натиҷагириҳои таҳқиқот зарурати афзоиши истеҳсоли ғизо ва рушди воридотивазкуниро дар минтақа таъкид мекунанд.

5. Ҳисобҳои пешбинишудаи рушди захираҳои молии минтақавӣ аз рӯйи гурӯҳҳои молҳо дар асоси моделҳои омилӣ иҷро карда шуданд, ки имкон дод сатҳи дурнамои худтаъминкунии минтақа бо маҳсулоти маҳаллӣ барои давраи то соли 2030 муайян карда шавад ва зарурати ҳавасмандгардонии рушди кишоварзӣ, саноати молҳои озуқаворӣ ва воридотивазкунӣ асоснок карда шавад.

6. Қиматҳоиояндабинии ғунҷоиши бозори гурӯҳи асосии маҳсулоти озуқаворӣ ҳисоб карда шуда, самтҳои афзалиятноки рушди бозори минтақавии озуқаворӣ дар вилоят, аз ҷумла рушди шабакаи хоҷагиҳои ёрирасони ширкатҳои калон, объектҳои инфрасохтори нигоҳдорӣ, кластерикунонии субъектҳои хоҷагидори бозор, муайян карда шуданд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Зарурати зиёдкунии истифодаи захираҳои истеҳсолоти маҳаллӣ барои ҳалли мушкилоти таъмини озуқаворӣи аҳолии минтақа дар шароити буҳрони амиқтаршавандаи ҷаҳонии озуқаворӣ исбот карда шудааст.

2. Тамоюлҳои рушди захираҳои молии бозори минтақавии озуқаворӣ, аз ҷумла афзоиши истеҳсолоти маҳаллӣ, воридоти маҳсулоти зарурӣ ва ҳавасмандсозии воридотивазкунӣ, ошкор карда шуданд.

3. Арзёбии дараҷаи рушди бозори озуқавории минтақа дар асоси таҳлили динамикаи фурӯши чаканаи гурӯҳҳои асосии молҳои хӯроквори ва сохтори хароҷоти истеъмолии хоҷагиҳои хонаводагӣ иҷро гардидааст.

4. Методикаи арзёбии дараҷаи худтаъминкунии бозори озуқавории минтақа бо маҳсулоти хӯроквории истеҳсоли худӣ пешниҳод ва таъйид гардидааст.

5. Моделҳои омилӣ бароиояндабинии дараҷаи рушди захираҳои молии минтақавӣ аз рӯйи гурӯҳи молҳо таҳия ва татбиқ гардида, тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба ҳавасмандсозии рушди кишоварзӣ, истеҳсолоти саноатӣ ва воридотивазкунӣ пешниҳод гардидаанд.

6. Дурнамои ғунҷоиши бозори гурӯҳҳои асосии маҳсулоти хӯроквори коркард ва маҷмуи самтҳои калидии рушди бозори минтақавии озуқаворӣ асоснок карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот** дар амиқтар кардани мазмуни иқтисодии категорияҳои «бозори минтақавии озуқаворӣ», «захираҳои молӣ» ва такмили асосҳои назариявии ташаккул ва рушди захираҳои молии бозори озуқавории минтақа, муқаррарот дар самти рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва мувофиқи мақсад будани воридоти бархе аз маҳсулоти хӯроквори, танзими системаи таъминоти озуқаворӣ зоҳир мегардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои амалии дар он ироагардида оид ба рушди захираҳои молии бозори озуқавории минтақавӣ ба беҳтарсозии таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквори, баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии бозори озуқавории вилоят бо молҳои истеҳсоли маҳаллӣ равона гардидаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, маълумоти расмии Сарраёсати омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, Сарраёсати кишоварзии вилояти Суғд, маълумотҳои агрегатсияшудаи созмонҳои байналмилалӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводҳои таҳқиқот ва методологияи ҳисобҳоиояндабинӣ, инчунин дар фаъолияти мақомоти минтақавии идораи давлатӣ татбиқ шудани натиҷаҳои таҳқиқот, таъйид мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муҳтавои диссертатсия, навгонии илмии он ба шиносномаи ихтисоси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, бандҳои зерин: 2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои тиҷорати хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ; 7. Бозорҳои локалӣ (маҳаллӣ), ташаккулёбии онҳо, амалкард ва ҳамкорӣ; тиҷорати байниминтақавӣ. Назарияи ҷуғрофиёи нави иқтисодӣ; 12. Фишангҳои коркарди дурнамои рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии ҳудудӣ.Ояндабинӣ, форсайт, банақшагирии шохисӣ, банақшагирӣ, барномаҳо, банақшагирии буҷетии ба натиҷа нигаронидашуда, барномаҳои мақсаднок, нақшаҳои стратегӣ; 24. Рушди комплекси агросаноатӣ дар

минтақаҳо, вижагиҳои минтақавӣ ва ҳудудии рушди кишоварзӣ, мувофиқат мекунанд.

**Саҳми шахсии илмии довталаб дар таҳқиқот.** Интихоб ва асосноккунии мавзуъ, нақшаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он шахсан аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудааст. Таҳқиқот мустақилона гузаронида шудааст. Навгонии илмӣ ва бандҳои асосии он, муқаррароти таҳқиқот, ки ба ҳимоя бароварда шудаанд, аз тарафи унвонҷӯ ба даст оварда шудааст. Муаллиф дар асосҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди захираҳои молии бозори озуқаворин минтақавӣ, мукаммалгардонӣ ва ояндабаинии захираҳои молӣ ва ғунҷоиши бозори мавриди таҳқиқ, баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии минтақа бо маҳсулоти хӯроквории истеҳсоли маҳаллӣ, муайянкунии самтҳои таъминоти рушди захираҳои молии озуқаворӣ барои бозори вилоят саҳми назарраси худро гузоштааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Коркардҳо ва пешниҳодоти муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Раёсати рушди иқтисодӣ, савдо ва мониторинги Дастгоҳи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд (маълумотнома оид ба татбиқ тахти №136 аз 11.11.2024 сол) ва Сарраёсати кишоварзии вилояти Суғд (маълумотнома оид ба татбиқ тахти №1/02-317 аз 02.12.2024 сол) истифода шудаанд ва мавриди истифода қарор доранд. Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ дар раванди тадриси фанҳои таълимии «Менеджмент», «Управленческие решения», «Маркетинг», «Экономика предприятия», «Макроэкономика» дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (маълумотнома оид ба татбиқ таҳти № 952/04 аз 26.11.2024 сол) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои дар таҳқиқот бадастомада дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, умумидонишгоҳӣ муҳокима ва маърӯза гардидаанд: конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақомоти гумрук ва нақши онҳо дар таъмини бехатарии иқтисодӣ » (Душанбе, 2024); конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» (Душанбе, 2023), конференсияи илмӣ-амалии умумидонишгоҳии ҳайати профессорию омӯзгорӣ, магистрантҳо ва докторантон бахшида ба «30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли маърифати ҳуқуқӣ» (Душанбе, 2024); конференсияи илмию назариявии «Солҳои рушди саноат (2022-2026)» (Душанбе, 2023), конференсияи илмию назариявии бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф (2020-2040)» (Душанбе, 2020), конференсияи илмию назариявии омӯзгорон ва донишҷӯёни ДМИТ, бахшида ба Соли оила (Душанбе, 2015).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 20 маводи илмӣ, дар ҳаҷми умумии 21,3 ҷ. ч., аз ҷумла 10 мақола дар нашриёҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ва 1 монография чоп шудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори кори диссертатсионӣ.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, феҳристи адабиёти истифодашуда, замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми кори диссертатсионӣ 240 саҳифаи матни компютерӣ, аз ҷумла 55 ҷадвал, 5 расм, 2 диаграмма ва 6 замимаро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ шудани он, фарзия, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, навгонии илмӣ ва унсурҳои асосии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқат ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯ дар коркарди проблема, тасвиби натиҷаҳои кор, сохтори диссертатсия баён гардидааст.

**Дар боби якуми диссертатсия «Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди захираҳои молии бозори минтақавии озуқаворӣ»** моҳият ва мундариҷаи дефинитсияи мафҳуми «бозори минтақавии озуқаворӣ» ва «захираҳои молӣ» ошкор гардида, афзоиши нақши захираҳои маҳаллии молӣ дар таъмини бозор бо маҳсулоти хӯрокворӣ дар шароити бuҳрони ҷаҳонии озуқаворӣ дар минтақаҳо асоснок карда шудааст.

Дар диссертатсия дар асоси баррасии адабиёт оид ба мафҳумҳои «бозор», «бозори истеъмолӣ», «бозори озуқаворӣ», «минтақа» моҳият ва муҳтавои бозори минтақавии озуқаворӣ муайян карда шудааст, ки омехтаи мафҳумҳои «бозори озуқаворӣ» ва «минтақа» мебошад. Вай ҳамчун низоми мураккабе тасвир мегардад, ки дар доираи он истеҳсол, тақсимот, муомилот ва истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳудуди муайян сурат мегирад.

Бозори минтақавии озуқаворӣ бисёр субъектҳои хоҷагидориро (шахсони ҳуқуқӣ ва истеъмолкунандагони инфиродӣ) дар бар мегирад: истеҳсолкунандагон - хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ; коркардкунандагони ашёи хоми кишоварзӣ - корхонаҳои саноатии хӯрокворӣ; яклухтфурӯшон - ширкатҳои яклухт, бозорҳои савдои яклухт; фурӯшандагони чакана - супермаркетҳо, мағозаҳо, дӯконҳо, долонҳо, бозорҳои чакана; муассисаҳои хӯроки умумӣ - тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо; субъектҳои хоҷагидории инфрасохторӣ-ширкатҳои логистикӣ, хоҷагиҳои нақлиётӣ, роҳ ва анборӣ; истеъмолкунандагони молҳои озуқаворӣ – хонаводаҳо, аҳолӣ ва муассисаҳое, ки маҳсулоти хӯрокворӣ харидорӣ мекунанд – мактабҳо, беморхонаҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ; мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, мақомоти андоз ва гумрук, мақомоти стандартизатсия ва ғ.

Ҳамаи субъектҳои хоҷагидории номбаршуда, бо ҳамкории зич бо ҳамдигар, системаи динамикии иқтисодиро ташкил медиҳанд, ки фаъолияти бозори озуқавории минтақавиро таъмин мекунад (расми 1).




**Расми 1. – Нақшаи амалкард, ҳамкории мутақобила ва ҳамвобастагии субъектҳои хоҷагидори бозори минтақавии озуқаворӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Дар низоми бозори озуқавории минтақавӣ захираҳои молӣ нақши муҳим мебозанд, ки фаъолият ва рушди онро таъмин мекунанд. Дар рисола мафҳуми “захираҳои молӣ” ва мундариҷаи онҳо мушаххас карда шудааст. Захираҳои молии бозори минтақавии озуқаворӣ маҷмуи тамоми захираҳои озуқаворӣ мебошанд, ки дар соҳаи кишоварзӣ, истеҳсолоти саноатӣ, роҳ, анборҳои миёнаравҳо, шабакаи савдои яклухт ва чакана мавҷуданд. Ба онҳо маҳсулоти озуқавории кишоварзӣ ва саноатӣ дохил мешаванд.

Захираҳои молӣ пайвандгари байни истеҳсолкунандагон (субъектҳои кишоварзӣ ва саноатӣ), сохторҳои миёнарав, субъектҳои савдо ва истеъмолкунандагони ниҳоӣ (хоҷагиҳои хонаводагӣ, аҳолӣ ва муассисаҳо) мебошанд. Ташаккули онҳо комилан аз ҳисоби истеҳсолот дар минтақаҳо ғайриимкон аст. Ин аз шароити табиӣ ва иқлимӣ, ҳосилнокии замин, самаранокии истеҳсоли ин ё он маҳсулот ва ғайра вобаста аст. Воридот аз дигар минтақаҳо ва воридоти намудҳои алоҳидаи ғизо ногузир аст. Ҳамин тариқ,

захираҳои молӣ дар минтақаҳо аз ҳисоби истеҳсоли маҳаллӣ, овардан аз дигар минтақаҳо ва воридот ташаккул меёбанд. Афзоиш ё кам шудани захираҳои молӣ метавонад боиси тағйирёбии якбораи нархи маҳсулот гардад.

Муаллиф пешниҳод кардааст, ки ҳамаи омилҳое, ки ба талабот ва захираҳои молии бозори озуқаворecho минтақавӣ таъсир мерасонанд, ба андозагиранда ва андозанашаванда тасниф карда шаванд, ки ҳангоми ҳисоббаробаркунии пешбинишудаи захираҳои молии хӯрокворӣ ва иқтидори бозорҳои гурӯҳҳои молҳо аҳамияти муҳим доранд (расми 2).




**Расми 2. – Омилҳои ташаккул ва рушди бозори озуқавории минтақавӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар солҳои охир, дар шароити бухрони ҷаҳонии озуқаворӣ, ки вобаста ба як қатор омилҳо, аз қабили тағйирёбии иқлим, хушксолӣ дар бархе аз минтақаҳои ҷаҳон, низоъҳо, пандемия ва ғайра ба вуҷуд омадааст, шумораи гуруснагон сол аз сол меафзояд. Тибқи гузориш таҳти унвони “Вазъи корҳо дар самти амнияти озуқаворӣ ва хӯрокворӣ дар ҷаҳон 2024”: «Дар соли 2023 тақрибан 733 миллион нафар бо мушкилоти гуруснагӣ рӯ ба рӯ шуданд, ки 9% аҳолии заминро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда аз нишондиҳандаи соли 2019 тақрибан 152 миллион нафар зиёд аст. Дар гузориш қайд карда мешавад, ки дар шароити муосир дар бораи бартараф кардани гуруснагӣ то соли 2030 шароити зарурӣ мушоҳида карда намешавад» [1].

Дар чунин шароит нақши захираҳои маҳаллии молӣ дар таъмини бозорҳои минтақавии озуқаворӣ ба таври назаррас меафзояд. Болоравии нархи хӯрокворӣ, хароҷоти иловагии муомилот, вобастагии ташаккули захираҳои молӣ аз таъминкунандагони берунӣ, кишварҳои ҷаҳон ва минтақаҳоро водор

мекунад, ки вобастагии худро аз маҳсулоти воридотии хӯроквории коҳиш диҳанд. Ин имкон медиҳад, ки осебпазирӣ ба таконҳои иқтисодии беруна кам карда шавад. Ғайр аз он, истеҳсолкунандагони маҳаллӣ барои пешниҳоди маҳсулоти тару тоза ва табиӣ, ки ба талаботи ғизои солим ҷавобгӯ мебошанд, имкониятҳои бештар доранд. Афзоиши нақши захираҳои маҳаллӣ дар таъминоти молии бозори озуқаворӣи минтақавӣ як қадами муҳим дар самти рушди устувори минтақаҳо мебошад. Ин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он низ дахл дорад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» қайд карда шудааст:

«Ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати кишоварзӣ ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки дар шароити болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ барномаи амнияти озуқаворӣи кишварро барои панҷ соли оянда қабул ва амалӣ намоянд.

Бар замми ин, бо дарназардошти афзоиши аҳолии мамлакат, барномаи азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ дар мамлакат таҳия ва татбиқ карда шавад.

Инчунин, ҷиҳати самаранок истифода бурдани ҳар як ваҷаб замин, беҳтар гардонидани вазъи соҳаҳои тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, зотпарварӣ ва таъмин намудани рушди инноватсионии соҳа бояд чораҳои саривақтӣ амалӣ карда шаванд.

Ҳамзамон бо ин, бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда масъалаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди саноати сабук ва хӯроквории, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин, нигаҳдориву афзоиш додани содироти он ба хориҷи кишвар ҳаллу фасл карда шаванд» [8].

Ҳамин тариқ, дар назди истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ вазифа гузошта шудааст, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии бозорҳои озуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он бо молҳои истеҳсоли ватанӣ дар асоси азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ, истифодаи самараноки ҳар як ваҷаби замин, рушди соҳаҳои тухмипарварӣ, растанипарварӣ, чорводорӣ, ҷорӣ намудани техника ва технологияи инноватсионӣ тадбирҳо таҳия ва амалӣ намоянд. Дар айни замон, коркарди саноатии захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ (ҳам озуқаворӣ ва ҳам ғайрихӯроквории) бо мақсади пурра қонеъ гардонидани талаботи аҳолии кишвар ва зиёд кардани содирот ба хориҷа бо мақсади афзоиш додани захираҳои воридотивазкунӣ зарур аст. Субъектҳои хоҷагидории соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ вазифадоранд, ки ба истеҳсолкунандагони озуқаворӣ дар самти афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, васеъ кардани ассортимент ва беҳтар намудани сифати маҳсулоти хӯроквории ва ҷоннок намудани кор дар самти воридоти маҳсулоти камчин аз рӯи воридот бештар таъсир расонанд.

Ҳалли вазифаҳои гузоштащуда, дар навбати худ, таҳқиқи амиқи тамоюлҳои рушди захираҳои молии маҳсулоти хӯроквории, инчунин намунаҳо ва тамоюлҳои афзоиши гардиши чаканаи маҳсулоти хӯроквории дар кишвар ва минтақаҳои онро талаб мекунад. Танҳо чунин равиши илмӣ имкон медиҳад, ки талабот ба захираҳои молӣ ва иқтидори бозори гурӯҳҳои асосии озуқаворӣ ба

таври воқеитар муайян карда шавад, инчунин тавсияҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии бозорҳои озуқавории ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он бо молҳои истеҳсоли маҳаллӣ таҳия карда шаванд ва қонеъ гардонидани пурраи талаботи афзояндаи аҳолӣ таъмин карда шавад.

Дар боби дуюм **«Таҳлили захираҳои молӣ ва тамоюлҳои рушди бозори минтақавии озуқаворӣ дар вилояти Суғд»** ҳолат ва тамоюлҳои рушди захираҳои молии бозори минтақавии озуқаворӣ, нақши амалиётҳои воридотӣ-содиротӣ дар ғанигардонӣ ва рушди захираҳои молии бозор, тамоюлҳо ва қонуниятҳои рушди бозори минтақавии озуқаворӣ таҳлил карда шуда, ба дараҷаи худтаъминкунии вилоят бо захираҳои молии истеҳсоли маҳаллӣ баҳогузорӣ шудааст.

Ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар вилоят ислоҳоти аграрии дар соҳаи кишоварзӣ гузаронидашуда ва ташаккули иқтисодиёти бисёрсоҳавии аграрӣ, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат карданд. Дар вилоят дар соли 2023 67294 хоҷагии деҳқонӣ дар муқоиса бо 1266 хоҷагии деҳқонӣ дар соли 2000 ва 54166 хоҷагии деҳқонӣ дар соли 2015 ё мутаносибан 53,15 маротиба ва 24,24% бештар фаъолият мекарданд. Дар солҳои охир корхонаҳои давлатии кишоварзӣ рушд карданд, ки шумораи онҳо дар соли 2025 1579 ададро ташкил дод, ки аз сатҳи соли 2015 74,74% зиёдтар аст [5, С.326-327]. Колхозҳо ва совхозҳо барои давраи то соли 2010 пурра барҳам дода шуданд. Тақсимоти заминҳои президентӣ барои парвариши маҳсулоти кишоварзӣ ба аҳолии деҳот аҳамияти калон дошт.

Тадбирҳои гузаронидашуда ба афзоиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ мусоидат карданд. Ҳамин тариқ, ин нишондиҳанда дар вилоят аз 12,62 миллиард сомонӣ дар соли 2017 то 18,50 миллиард сомонӣ дар соли 2023 бо нархҳои соли 2022 ё 46,6 фоиз афзудааст. Дар баробари ин, маҳсулоти умумии растанипарварӣ аз 9,28 миллиард сомонӣ то 12,85 миллиард сомонӣ ё 38,5%, маҳсулоти умумии чорводорӣ аз 3,34 миллиард сомонӣ то 5,64 миллиард сомонӣ ё 68,9% афзоиш ёфтааст [6, с.193]. Дар вилоят ба рушди парандапарварӣ ва моҳипарварӣ диққати махсус дода шуд.

Ҷамъоварии умумии зироатҳои кишоварзӣ дар минтақа бо суръати баланд афзоиш ёфта истодааст (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Маълумот дар бораи ҷамъоварии умумии зироатҳои кишоварзӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2016-2023 (ҳазор тонна)**

| Номгӯйи зироатҳо | 2016 | 2020 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 2016 | 2020 | 2022 |
| Ғалла дар вазни ибтидоии воридшуда | 311,6 | 351,4 | 396,2 | 409,8 | 131,5 | 116,6 | 103,4 |
| Ғалла дар вазн пас аз коркард | 298,4 | 350,1 | 394,4 | 406,7 | 135,9 | 116,2 | 103,1 |
| Картошка | 334,9 | 512,1 | 562,9 | 600,1 | 179,2 | 117,2 | 106,6 |
| Сабзавот | 457,9 | 560,4 | 608,5 | 648,5 | 141,6 | 115,7 | 106,6 |
| Полезиҳои озуқаворӣ | 118,5 | 151,8 | 148,6 | 221,8 | 187,2 | 146,1 | 149,3 |
| Ҷамъоварии умумии мева ва буттамева | 112,7 | 139,4 | 124,4 | 222,5 | 197,4 | 159,6 | 178,9 |
| Ангур | 55,5 | 50,6 | 59,5 | 51,3 | 92,4 | 101,4 | 86,2 |

**Сарчашма:** таҳия шудааст дар асоси маълумоти: [4, С. 212,221; 6, С. 213, 222 ].

Тибқи маълумоти ҷадвал, дар солҳои 2016-2023 ҷамъоварии умумии ғалла дар вазн пас аз коркард 35,9 %, картошка 79,2 %, сабзавот 41, 6 %, полезии озуқаворӣ 87,2 %, мева ва буттамеваҳо 97,4% афзоиш ёфтааст. Танҳо ҷамъоварии умумии ангур хусусияти якбора каму зиёдшавӣ доштааст, ки бо шароити обу ҳаво ва дар солҳои алоҳида ҳосил надодан алоқаманд аст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар соҳаи имкониятҳои васеъ кардани майдони кишт имкониятҳои маҳдуд мавҷуданд. Дар соли 2023 майдони захира ҳамагӣ 3,7 ҳазор гектарро ташкил дод, ки 0,15 фоизи майдони умумии замин ва 0,34 фоизи майдони заминҳои кишоварзиро ташкил медиҳад (диаграммаи 1)

**Диаграммаи 1. – Таркиби заминҳои кишоварзӣ дар соли 2023**




**Сарчашма:** [6, с.199].

Дар чунин шароит афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ асосан аз ҳисоби афзоиши ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ таъмин карда мешавад. Ҳамин тавр, дар солҳои 2017-2023 ҳосилнокии зироатҳои ғалладона бо вазн пас аз коркардшавӣ 28,6%, картошка 15,85%, сабзавот 13,9%, полезии озуқаворӣ 70,2%, мева ва буттамеваҳо ба андозаи 40,94% афзоиш ёфт. Дар айни замон, ҳосилнокии ангур 26,44% коҳиш ёфт [6, с.222]. Дар робита ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба масъалаҳои ворид намудани нуриҳои органикӣ ва минералӣ барои кишти зироатҳои кишоварзӣ ва рушди корҳои селексионӣ дар маҳалҳо диққати махсус дода шавад.

Дар солҳои 2017-2023 сарчушмори чорвои калони шохдор ба андозаи 21,75% зиёд шудааст, аз ҷумла саршумори модаговҳо - ба 23,27%, гӯсфандон – ба 28,25%, бузҳо – ба 15,08%, аспон – ба 10,58% афзудааст. Ба туфайли дастгирии давлатии соҳаи парандапарварӣ саршумори парандаҳо бо суръати хеле баланд то ба - 2,66 маротиба зиёд шудааст [6, с.231].

Дар натиҷа сол ба сол истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ зиёд шуда рафта истодааст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2 – Истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2016-2023**

| Номгӯйи маҳсулот | 2016 | 2020 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 2016 | 2020 | 2022 |
| Гӯшт бо вазни зинда, ҳаз. тонна | 53,3 | 66,6 | 77,8 | 85,8 | 161,0 | 128,8 | 110,3 |
| Гӯшт бо вазни забҳшуда ҳаз. Тонна | 30,9 | 41,3 | 49,0 | 54,1 | 175,1 | 131,0 | 110,4 |
| Шир, ҳаз. тонна | 249,8 | 273,0 | 281,6 | 293,4 | 117,5 | 107,5 | 104,2 |
| Тухм, млн дона | 151,1 | 594,6 | 766,8 | 766,8 | 507,5 | 129,0 | 100,0 |
| Моҳидорӣ, тонна | … | … | 800 | 950 | … | … | 103,8 |

**Сарчашма:** таҳия шудааст дар асоси маълумоти: [4, с.299; 6, с.231; 3].

Тавре ки аз ҷадвал дида мешавад, истеҳсоли гӯшт дар вазни забҳшуда дар муқоиса бо вазни зинда бо суръати баландтар меафзояд, ки ин бо суръати баландтари афзоиши саршумори парандагон таъмин карда мешавад. Ин аст, ки баромади гӯшт дар вазни забҳшуда аз чорвои калон ва хурд дар ҳудуди 50-65% ва баромади гӯшти парранда 85-90% мебошад [3]. Суръати баландтарини афзоиш аз рӯи тухм мушоҳида карда шуд. Дар солҳои охир дар минтақа моҳипарварӣ рушд мекунад. Дар соли 2022 моҳидорӣ 800 тоннаро ташкил дод [2], дар соли 2023 тибқи арзёбиҳо ин рақам ба 950 тонна расид.

Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ боиси афзоиши содироти озуқаворӣ мегардад. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2023 ҳаҷми умумии содироти маҳсулоти хӯрокворӣ 37,49 миллион долларро ташкил дод, ки аз сатҳи соли 2016 2,8 маротиба зиёдтар аст. Аммо, воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ аз содироти онҳо хеле зиёдтар аст. Ҳамин тавр, воридоти молҳои озуқаворӣ ба вилояти Суғд дар соли 2016 322,4 млн доллари ИМА-ро ташкил дод. Дар солҳои минбаъда он коҳиш ёфт ва дар соли 2022 292,84 миллион долларро ташкил дод [9, С.296-304]. Соли 2023 маблағи воридот то 113,68 миллион доллар ё 64,7% нисбат ба соли 2016, 60,9% нисбат ба соли 2020 ва 71,1% нисбат ба соли 2022 коҳиш ёфтааст. Аммо, бо вуҷуди коҳиши чунин ҳаҷми калон, воридоти ғизо аз ҳаҷми содироти онҳо ҳанӯз ҳам беш аз се маротиба зиёдтар мебошад. Дар диссертатсия таҳлили муфассали содирот ва воридоти озуқаворӣ дар ҳама намудҳои хӯрок оварда шудааст. Асоснок карда мешавад, ки дар вилоят барои кам кардани ҳаҷми воридоти равғани растанӣ, маҳсулоти қаннодӣ ва орд имкониятҳои хуб мавҷуданд.

Дар диссертатсия ба масъалаи зарурати зиёд кардани иқтидори содиротии минтақа ва рушди воридотивазкунӣ диққати махсус дода мешавад. Мувофиқи пирамидаи Маслоу дар бораи афзалияти қонеъ гардонидани талабот ба маҳсулоти хӯрокворӣ, асоснок карда мешавад, ки бо мақсади пурра қонеъ гардонидани талаботи физиологӣ, дар баробари таъмини афзоиши истеҳсоли молҳои озуқаворӣ, бояд афзоиши истеҳсоли ҳама намудҳои молҳои ғайрихӯрокворӣ, воситаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ таъмин карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки маблағи асъор барои воридоти ғизои камчин зиёд карда шавад ва ба воридотивазкунӣ мусоидат карда шавад.

Гардиши чаканаи мол дар вилояти Суғд бо нархи солҳои дахлдор дар солҳои 2016-2023 ба андозаи 2,46 баробар афзуда, 15440,0 миллион сомониро

ташкил дод. Дар баробари ин, гардиши чаканаи молҳои озуқаворӣ бо суръати баландтар аз 2,59 баробар афзуда, дар соли 2023 8447,7 миллион сомониро ташкил дод. Дар натиҷа ҳиссаи молҳои хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумии гардиши молҳои чакана аз 51,9% то 54,7% афзуд (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3– Сохтори гардиши чаканаи мол аз рӯйи гурӯҳи молҳо дар солҳои 2016-2023 (бо нархҳои солҳои дахлдор, млн сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2020 | 2022 | 2023 | 2023 бо % ба | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 2016 | 2020 | 2022 |
| Ҳамаи молҳо, млн сомонӣ | 6275,8 | 9448,9 | 13204,2 | 15440,0 | 246,0 | 163,4 | 116,9 |
| бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | – | – | – |
| Молҳои озуқаворӣ, млн сомонӣ | 3257,1 | 5215,8 | 7183,1 | 8447,7 | 259,3 | 161,9 | 117,6 |
| бо % | 51,9 | 55,2 | 54,4 | 54,7 | – | – | – |
| Молҳои ғайриозуқаворӣ, млн сомонӣ | 3018,7 | 4233,1 | 6021,1 | 6992,3 | 231,6 | 165,1 | 116,1 |
| бо % | 48,1 | 44,8 | 45,6 | 45,3 | – | – | – |

**Сарчашма**: аз рӯйи маълумоти зерин тартиб дода шудааст: [4, С. 344-345; 6, С. 347-348].

Дар сохтори молии гардиши яклухт ва чаканаи молҳои озуқаворий минтақа дигаргуниҳои сифатӣ ба амал меоянд. Дар он гардиши маҳсулоти серғизо аз ҷиҳати эҳтиёҷоти физиологии инсон бо суръати баландтар меафзояд ва ҳиссаи онҳо зиёд шуда рафта истодааст. Ҳамин тавр, дар солҳои 2016-2023 суръати баландтарини афзоиши гардиши мол аз рӯи гурӯҳҳои зерини молҳо мушоҳида карда шуд: гӯшт, гӯшти паранда ва маҳсулоти ҳасибӣ 2, 88 маротиба, моҳӣ ва маҳсулоти баҳрии хӯрокворӣ, селд - 2,73 маротиба, равғани маска 3,25 маротиба, равғанҳои чарбу ва дигар равғанҳои хӯрокворӣ 3,88 маротиба, сирпиёз 2,89 маротиба, маргарин ва маҳсулоти маргарин 3,25 маротиба, сабзавот -2,86 маротиба, мева, буттамева, ангур, тарбузу харбуза 2,93 маротиба, нӯшокиҳои беалкоголӣ 2,79 маротиба [4, С.341-342].

Дар кор инчунин таҳлили тамоюлҳои хариди маҳсулоти озуқаворӣ аз рӯи тадқиқоти интихобии даромади миёнаи ҳар як нафар ва хароҷоти хонаводаҳо ба ҳисоби як узви оила гузаронида шуд. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ ба ин равиш диққати зарурӣ дода намешавад. Тадқиқот нишон дод, ки дар сохтори хариди маҳсулоти хӯрокворӣ ҳамон тағйиротҳое ба амал меоянд, ки дар сохтори савдои чакана низ ба амал меоянд.

Дар таҳқиқот ба масъалаи худтаъминкунии вилоят бо молҳои озуқаворий истеҳсоли маҳаллӣ диққати махсус дода шудааст. Зимнан муайян карда шуд: а) дар асоси муқоисаи қимати  миёнаи истеҳсоли ҳар як гурӯҳи хӯрокворӣ бо миқдори миёнаи ҳар яки истеъмоли воқеии онҳо дар соли муайян ё муқоисаи ҳаҷми умумии истеҳсоли гурӯҳҳои мушаххаси хӯрокворӣ бо ҳаҷми умумии

истеъмоли онҳо дар минтақа дар як сол; б) дар асоси муқоисаи ҳаҷми миёнаи ҳар яки истеҳсоли онҳо дар минтақа дар як соли муайян бо меъёрҳои солонаи физиологии истеъмоли гурӯҳҳои асосии хӯрокворӣ ва ҳаҷми умумии истеҳсоли молҳои ҳар як гурӯҳ дар минтақа дар як сол бо ҳаҷми талабот ба онҳо дар сатҳи меъёрҳои миёнаи солонаи физиологии истеъмол.

Дар диссертатсия муқоисаи ҳаҷми миёнаи ҳар яки истеҳсол ва истеъмоли гурӯҳҳои асосии молҳои озуқаворӣ ва муқоисаи онҳо бо меъёрҳои физиологӣ дар солҳои 2016-2023 амалӣ карда шуд.

Ҳамчунин муқоисаи ҳаҷми умумии истеҳсол, истеъмол ва талабот тибқи меъёрҳои физиологии истеъмоли гурӯҳҳои асосии озуқаворӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2016-2023 амалӣ карда шуд (ҷадвали 4).

Аз рӯи маълумоти ҷадвал маълум аст, ки аз рӯи сабзавот ва бахшҳои хӯрокворӣ, картошка, меваҳо, буттамеваҳо ва ангур, шир ва тухм ҳаҷми воқеии истеҳсоли онҳо аз микдори истеъмоли онҳо зиёдтар аст.

Аз рӯи маълумоти ҷадвал маълум мегардад, ки аз рӯйи сабзавот ва бахшҳои хӯрокворӣ, картошка, меваҳо, буттамеваҳо ва ангур, шир ва тухм ҳаҷми воқеии истеҳсоли онҳо аз микдори истеъмоли онҳо зиёдтар аст. Ин маҳсулот ба минтақаҳои дигар бароварда мешаванд ва ба кишварҳои дигар содир карда мешаванд. Чунин ҳолат дар муқоисаи ҳаҷми умумии истеҳсоли онҳо бо ҳаҷми умумии сатҳи меъёрҳои физиологии истеъмол мушоҳида мешавад. Дар ин ҷо истисно шир ва маҳсулоти ширӣ мебошанд.

Аз рӯи чунин гурӯҳҳои молҳо, ба монанди гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ, шакар ва маҳсулоти қаннодӣ, маҳсулоти нон, равғани растанӣ, баръакс, ҳаҷми умумии истеҳсоли онҳо имкон намедиҳад, ки ҳаҷми умумии истеъмоли онҳоро пӯшонад. Онҳо аз тариқи воридот оварда мешаванд, инчунин аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ворид карда мешаванд.

**Ҷадвали 4 – Динамикаи ҳаҷми умумии истеҳсол, истеъмол ва талаботҳо мувофиқи меъёрҳои физиологии истеъмоли гурӯҳҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2016-2023.**

| Номгӯйи маҳсулот | Истеҳсол | | | Истеъмол | | | Номувофиқатӣ (+, -) | | | Талабот мувофиқи МФИ | | | Номувофиқатӣ (+, -) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | | Истеҳсолот бо истеъмолот тибқи МФИ | | | Истеъмолот бо талаботҳо тибқи МФИ | | |
| | 2016 | 2020 | 2023 | 2016 | 2020 | 2023 | 2016 | 2020 | 2023 | 2016 | 2020 | 2023 | 2016 | 2020 | 2023 | 2016 | 2020 | 2023 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 30,9 | 41,3 | 54,1 | 46,6 | 73,7 | 85,6 | -15,7 | -32,4 | -31,5 | 103,5 | 114,7 | 118,1 | -72,6 | -73,4 | -64 | -56,9 | -41 | -32,5 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 249,8 | 273,0 | 293,4 | 142,0 | 175,5 | 143,5 | 107,8 | 97,5 | 149,9 | 292,4 | 323,2 | 333,6 | -42,6 | -50,2 | -40,2 | -150,4 | -147,7 | -109,9 |
| Тухм | 151,1 | 594,6 | 766,8 | 192,5 | 495,4 | 578,4 | -41,4 | 99,2 | 188,4 | 456,5 | 504,6 | 520,8 | -305,4 | 90 | 246 | -264 | -9,2 | 57,6 |
| Моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ | | | 0,95 | | | 0.95 | | | - | 22,8 | 25,3 | 26,0 | | | -21,85 | | | -21,85 |
| Шакар, аз ҷумла маҳсулоти қаннодӣ | 2,17 | 1,7 | 1,45 | 37,3 | 50,7 | 48,3 | -35,13 | -49 | -46,85 | 50,7 | 56,1 | 57,8 | -48,53 | -54,4 | -56,35 | -13,4 | -5,4 | -9,5 |
| Маҳсулоти нонӣ | 311,6 | 351,4 | 406,7 | 349,7 | 472,1 | 502,3 | -38,1 | -120,7 | -95,6 | 373,0 | 412,4 | 456,6 | -61,4 | -61 | -49,9 | -23,3 | 59,7 | 45,7 |
| Картошка | 334,9 | 512,1 | 207,3 | 109,0 | 133,5 | 165,5 | 225,9 | 378,6 | 41,8 | 233,3 | 257,9 | 266,2 | 101,6 | 254,2 | -58,9 | -124,3 | -124,4 | -100,7 |
| Сабзавот ва полезиҳо | 576,4 | 712,2 | 712,2 | 229,7 | 416,6 | 454,3 | 346,7 | 295,6 | 257,9 | 421,2 | 465,6 | 480,6 | 155,2 | 246,6 | 231,6 | -191,5 | -49 | -26,3 |
| Меваҷот, буттамеваҳо ва ангур | 168,2 | 190,0 | 183,5 | 112,9 | 90,5 | 151,6 | 55,3 | 99,5 | 31,9 | 314,7 | 347,9 | 359,1 | -146,5 | -157,9 | -175,6 | -201,8 | -257,4 | -207,5 |
| Равғани растанӣ | 4,2 | 5,2 | 5,5 | 39,6 | 52,1 | 56,45 | -35,4 | -46,9 | -50,95 | 42,1 | 46,5 | 48,0 | -37,9 | -41,3 | -42,5 | -2,5 | 5,6 | 8,45 |

**Сарчашма:** ҳисобҳои муаллиф дар асоси ҷадвалҳои дар диссертатсия овардашуда.

Ҳисобҳо оид ба худтаъминкунии минтақа бо маҳсулоти хӯроквории истеҳсоли маҳаллӣ аҳамияти муҳими амалӣ доранд. Онҳо имкон медиҳанд, ки ҳаҷми имконпазири афзоиши истеҳсоли онҳо бо назардошти қонеъ гардонидани пурраи талаботи истеъмолкунандагони дохилӣ мушаххас ва ҳаҷми тахминии содироти маҳсулоти хӯрокворӣ аз рӯи мақсаднокии онҳо муайян карда шавад. Масалан, ҳангоми муайян кардани ҳаҷми истеҳсоли картошка талаботи аҳолии вилоят, инчунин ҳаҷми эҳтимолии содироти он ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бояд ба назар гирифта шавад. Содироти картошка ба дигар кишварҳо имкон намедиҳад, ки миқдори зарурии фоида ба даст оварда шавад.

Дар натиҷаи муқоисаҳо зарурати минбаъд афзоиш додани истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ дар вилоят асоснок карда мешавад.

Дар боби сеюми диссертатсия «Самтҳои асосии рушди захираҳои молӣ ва иқтидори бозори минтақавии озуқаворӣи вилояти Суғд» ҳисобҳои ояндабинии захираҳои молӣ амалӣ гардида, баҳодиҳии пешбинишудаи худтаъминкунии аҳолии минтақа бо маҳсулоти хӯроквории маҳаллӣ дар соли 2030, дурнамои рушди ҳаҷми умумӣ ва сохтори иқтидори бозори озуқаворӣи минтақавӣ барои давраи то соли 2030 муайян карда шуда, самтҳои афзалиятноки таъмини рушди захираҳои молӣ дар бозори озуқаворӣи минтақавӣ муайян карда шуданд.

Ҳисобҳои пешбинишудаи афзоиши захираҳои молӣ ва иқтидори бозори минтақавии озуқаворӣи вилояти Суғд дар асоси истифодаи моделҳои иқтисодию математикӣ бо илова намудани натиҷаҳои бадастомада бо усули баҳодиҳии экспертӣ амалӣ карда шуданд.

Дар робита бо он, ки имкониятҳои васеъ кардани майдони киштзорҳо дар минтақа маҳдуд мебошанд, ба сифати омили асосии афзоиши маҳсулоти растанипарварӣ зиёдшавии ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ қабул карда шуд.

Муодилаи регрессия чунин шакл гирифт:

$$Y_{1.n}=a + bX_{1.n.} \qquad (1)$$

дар ин ҷо $Y_{1.n}$ – ҳосили умумии гурӯҳи мушаххаси маҳсулоти кишоварзӣ, $X_{1.n}$ – ҳосилнокии махсулоти кишоварзӣ, a ва b – андозаҳои баробарӣ мебошанд.

Ҳисобҳои пешбинишудаи ҳосили умумии маҳсулоти ғалларо бо вазни баъди коркард ченшуда дида мебароем.

Маълумот барои ҳисобкунии модели омилӣ дар ҷадвали 5 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 5 – Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисобкунии муодилаи регрессионӣ**

| **Давра** | Ҳосили умумии ғалла бо вазни баъди коркард ченшуда, $Y_{1.1}$ | Ҳосилнокии ғалла бо вазни баъди коркард ченшуда, $X_{1.1}$ |
|---|---|---|
| 2016 | 298,4 | 22,6 |
| 2017 | 295,1 | 23,4 |
| 2018 | 268,9 | 22,1 |
| 2019 | 328,2 | 24,9 |
| 2020 | 350,0 | 25,6 |
| 2021 | 327,2 | 24,8 |
| 2022 | 394,4 | 29,8 |
| 2023 | 406,7 | 30,1 |

**Сарчашма: таҳия шудааст дар асоси маълумоти**: [4, С. 212,221; 6, С. 213, 222].

Қимати нишондиҳандаҳои коррелятсияи омилҳо дар ҷадвали 6 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 6 – Нишондиҳандаҳои матритсаи коррелятсияи ҷуфтӣ дар байни омилҳо**

| Нишондиҳандаҳо | Ҳосили умумии ғалла бо вазни баъди коркард ченшуда | Ҳосилнокии ғалла бо вазни баъди коркард ченшуда |
|---|---|---|
| Ҳосили умумии ғалла бо вазни баъди коркард ченшуда | 1,00 | |
| Ҳосилнокии ғалла бо вазни баъди коркард ченшуда | 0,98 | 1,00 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҳисобҳои гузаронидашуда.

Муодилаи регрессияи ояндабинии ҳосили умумии ғалла чунин шаклро гирифтааст:

$$Y_{1.1} = -62{,}29 + 15{,}58 * X_{1.1.} \quad (2)$$

дар ин ҷо $Y_{1.1}$ – ҳосили умумии ғаллаи бо вазни баъди коркард ченшуда, $X_{1.1}$ - ҳосилнокии ғаллаи бо вазни баъди коркард ченшуда.

Коэффитсиентҳои коррелятсия ва детерминатсия баробаранд ба: R=0,98; $R^2$=0,96.

Қимати омили ҳосилнокии ғалла бо истифода аз функсияи «Тамоюл»-и нармафзори ҷадвалии Microsoft Excel ҳисоб карда шуд.

Қиматҳои бадастомадаи модели ояндабинии ҳосили умумии ғаллаи бо вазни баъди коркард ченшуда ва ҳосилнокии он дар ҷадвали 7 муаррифӣ шудаанд.

**Ҷадвали 7 – Қиматҳои ояндабинишудаи ҳосили умумии ғаллаи бо вазни баъди коркард ченшуда ва ҳосилнокии он**

*(ҳаз. тонна)*

| Нишондиҳандаҳо | Арзёбӣ | | Ояндабинӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
| Ҳосили умумии ғаллаи бо вазни баъди коркард ченшуда | 411,5 | 428,8 | 446,1 | 463,4 | 480,7 | 498,0 | 515,3 |
| Ҳосилнокии ғаллаи бо вазни баъди коркард ченшуда, сентнер аз 1 га | 30,4 | 31,5 | 32,6 | 33,7 | 34,9 | 36,0 | 37,1 |

**Сарчашма:** таҳия шудааст дар асоси маълумоти: [4, С. 212,221; 6, С. 213, 222].

Бо чунин пайдарҳамӣ муодилаҳои регрессия муайян карда шуданд ва ҳисобкуниҳои ояндабинии ҳосили умумии ҷамъоварии картошка, сабзавот, полезиҳо, меваҷот ва буттамеваҳо, ангур анҷом дода шуданд. Ҳамзамон, нишондиҳандаҳои ояндабинии картошка, меваҳо ва буттамеваҳо, ангур мавриди арзёбии коршиносӣ қарор гирифтанд.

Қиматҳои нишондиҳандаҳои ояндабинии ҷамъоварии умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷадвали 8 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 8 – Нишондиҳандаҳои ояндабинии ҷамъоварии умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Суғд дар давраи то соли 2030 (ҳаз. тонна)**

| Зироатҳои кишоварзӣ | арзёбӣ | | Ояндабинӣ | | | | | 2030 бо % ба 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | |
| Ғаллаи бо вазни баъ-ди коркард ченшуда | 411,5 | 428,8 | 446,1 | 463,4 | 480,7 | 498,0 | 515,3 | 125,2 |
| Картошка | 576,9 | 591,4 | 606,1 | 621,3 | 636,8 | 652,8 | 669,1 | 116,0 |
| Сабзавот | 648,2 | 671,7 | 695,2 | 718,6 | 742,1 | 765,6 | 789,1 | 121,7 |
| Меваю буттамеваҳо | 150,7 | 162,0 | 174,2 | 187,4 | 199,6 | 214,8 | 228,8 | 151,8 |
| Полезиҳо | 190,1 | 199,8 | 209,5 | 219,2 | 229,0 | 238,7 | 248,4 | 130,7 |
| Ангур | 54,4 | 57,4 | 60,5 | 63,7 | 66,9 | 70,2 | 73,5 | 135,1 |

**Сарчашма:** дар асоси маълумоти замимаи “В” кори диссертатсионӣ бо назардошти арзёбиҳои коршиносӣ тартиб дода шудааст.

Аз рӯйи маълумоти ҷадвал маълум мегардад, ки дар давраи то соли 2030 ҷамъоварии умумии тамоми намуди маҳмулоти кишоварзӣ бо суръати баланд рушд мекунад.

Рушди захираҳои молии маҳсулоти чорводорӣ, асосан, аз миқдори чорвои маҳсулдеҳ вобаста мебошад. Чунончи, дар модели ояндабинии истеҳсоли кишоварзии гӯшт саршумори чорвои калони шохдор, гӯсфандон, бузҳо, аспон ва парандагон дохил карда шуданд. Дар натиҷаи ҳисобкуниҳо муодилаи зерини регрессияи ғунҷоиши гӯшт бо вазни забҳшуда ба даст омад:

$Y2.2 = -131411{,}93 - 115{,}49 * X_{2.1} + 24{,}37 * X_{2.2} + 113{,}78 * X_{2.3} + 18564{,}04 * X_{2.4} + 2{,}21 * X_{2.5},$ (3)

дар ин ҷо $Y_{2.1}$ – истеҳсоли гӯшт бо вазни зинда, $X_{2.1}$ – саршумори чорвои калони шохдор, $X_{2.2}$– саршумори гӯсфандон, $X_{2.3}$ – саршумори бузҳо, $X_{2.4}$ – саршумори аспон, $X_{2.5}$– саршумори парандагон.

Коэффитсиентҳои коррелятсия ва детерминатсия баробар шуданд ба: R=0,99; $R^2$=0,98.

Дар модели ояндабинии шир саршумори модаговҳо ва шири ба ҳисоби миёна аз як модагов ҷӯшидашуда, тухм – саршумори парандагон ва тухмгузорӣ ба ҳисоби миёна аз як сар мурғи мокиён дохил карда шуданд.

Дар натиҷаи ҳисобкуниҳо чунин нишондиҳандаҳои ояндабинӣ ҳосил гардиданд (ҷадвали 9).

## Ҷадвали 9 – Ояндабинии истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар вилояти Суғд барои давраи то соли 2030

(гӯшт ва шир – бо ҳаз. тонна, тухм – бо млн дона)

| Нишондиҳандаҳо | Арзёбӣ | | Ояндабинӣ | | | | | 2030 бо % ба 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | |
| Гӯшт бо вазни зинда | 85,1 | 89,5 | 93,9 | 98,3 | 102,7 | 107,1 | 111,5 | 131,0 |
| Гӯшт бо вазни забҳшуда | 56,32 | 59,88 | 63,4 | 67,0 | 70,6 | 74,4 | 77,7 | 138,0 |
| Шир | 295,3 | 300,8 | 306,3 | 311,8 | 317,3 | 322,8 | 328,3 | 111,2 |
| Тухм | 920,1 | 1020,7 | 1121,4 | 1222,0 | 1322,7 | 1423,3 | 1524,0 | 165,3 |

**Сарчашма:** дар асоси ҳисобҳои анҷомёфта тартиб дода шудааст.

Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли гӯшт бо вазни забҳшуда нисбат ба вазни зиндаи он зиёдтар мебошад. Ин ҳола бо он марбут аст, ки дар давраи ояндабинишаванда суръати баланди афзоиши ҳаҷми истеҳсоли гӯшт аз ҳисоби суръати нисбатан баландтари истеҳсоли гӯшти паранда таъмин карда мешавад. Пештар оид ба ин мо қайд карда будем, ки баромади гӯшти ҳосилшаванда аз мурғони забҳшуда нисбат ба чорвои калону хурд зиёдтар мебошад.

Натиҷаҳои ҳисобҳои анҷом додашуда нишон доданд, ки истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории кишоварзӣ дар давраи то соли 2030 бо суръати баланд меафзояд. Дар натиҷа, худтаъминкунии вилоят бо молҳои истеҳсоли маҳаллӣ хеле беҳтар мешавад (ҷадвали 10).

Дар давраи пешбинишуда барои гурӯҳҳои хӯрокворӣ, аз қабили сабзавот ва полезиҳо, меваю буттамева, картошка, шир ва маҳсулоти ширӣ ва тухм истеъмол пурра аз ҳисоби истеҳсоли маҳаллӣ таъмин карда мешавад.

Ҳаҷми истеҳсоли ин гурӯҳҳои молҳо аз ҳаҷми талабот ба онҳо тибқи меъёрҳои физиологии истеъмол хеле зиёдтар аст.

**Ҷадвали 10 – Пешгӯии ҳаҷми умумии истеҳсол, истеъмол, талабот тибқи меъёрҳои физиологии истеъмоли гурӯҳҳои асосии молҳои озуқаворӣ дар вилояти Суғд барои давраи то соли 2030**

<table>
<tr><th rowspan="4">Номгӯйи маҳсулот</th><th colspan="2" rowspan="2">Истеҳсол</th><th colspan="2" rowspan="2">Истеъмол</th><th colspan="2" rowspan="2">Номувофиқатӣ (+, -)</th><th colspan="2" rowspan="2">Талабот мувофиқи МФИ</th><th colspan="4">Номувофиқатӣ (+, -)</th><th colspan="2" rowspan="2">Производство в % к потребностям согласно ФНП</th><th colspan="2" rowspan="2">Истеъмол бо % нисбат ба талабот тибқи МФИ</th></tr>
<tr><th colspan="2">Истеҳсолот бо истеъмолот тибқи МФИ</th><th colspan="2">Истеъмолот бо талаботҳо тибқи МФИ</th></tr>
<tr><th>арзёбӣ</th><th>пешгӯйӣ</th><th>арзёбӣ</th><th>пеш-гӯйӣ</th><th>арзёбӣ</th><th>пешгӯйӣ</th><th>арзёбӣ</th><th>пешгӯйӣ</th><th>арзёбӣ</th><th>пешгӯйӣ</th><th>арзёбӣ</th><th>пешгӯйӣ</th><th>арзёбӣ</th><th>пешгӯйӣ</th><th>арзёбӣ</th><th>пешгӯйӣ</th></tr>
<tr><th>2025</th><th>2030</th><th>2025</th><th>2030</th><th>2025</th><th>2030</th><th>2025</th><th>2030</th><th>2025</th><th>2030</th><th>2025</th><th>2030</th><th>2025</th><th>2030</th><th>2025</th><th>2030</th></tr>
<tr><td>Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, ҳаз. тонна</td><td>59,88</td><td>77,7</td><td>105,2</td><td>130,2</td><td>-45,32</td><td>-52,5</td><td>121,9</td><td>131,4</td><td>-62,02</td><td>-53,7</td><td>-16,7</td><td>-1,2</td><td>49,1</td><td>59,1</td><td>86,3</td><td>99,1</td></tr>
<tr><td>Шир ва маҳсулоти ширӣ, ҳаз. тонна</td><td>300,8</td><td>328,3</td><td>191,2</td><td>224,9</td><td>109,6</td><td>103,4</td><td>344,5</td><td>371,4</td><td>-43,7</td><td>-43,1</td><td>-153,3</td><td>-146,5</td><td>87,3</td><td>88,4</td><td>55,5</td><td>60,6</td></tr>
<tr><td>Тухм, млн дона</td><td>1020,7</td><td>1524,0</td><td>573,6</td><td>650,8</td><td>447,1</td><td>873,2</td><td>537,8</td><td>579,9</td><td>482,9</td><td>944,1</td><td>35,8</td><td>70,9</td><td>189,8</td><td>262,8</td><td>106,7</td><td>112,2</td></tr>
<tr><td>Моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ, тонна</td><td>1340</td><td>2240</td><td>1344,4</td><td>2255,2</td><td>-4,4</td><td>-15,2</td><td>2688,9</td><td>2899,4</td><td>-1348,9</td><td>-659,4</td><td>-1344,5</td><td>-644,2</td><td>49,8</td><td>77,3</td><td>50,0</td><td>77,8</td></tr>
<tr><td>Шакар, аз ҷумла маҳсулоти қаннодӣ, ҳаз . тонна</td><td>2,58</td><td>3,57</td><td>56,2</td><td>64,4</td><td>-53,62</td><td>-60,83</td><td>59,8</td><td>64,4</td><td>-57,22</td><td>-60,83</td><td>-3,6</td><td>0</td><td>4,3</td><td>5,5</td><td>94,0</td><td>100,0</td></tr>
<tr><td>Маҳсулоти нонӣ, ҳаз. тонна</td><td>428,8</td><td>515,3</td><td>484,0</td><td>541,2</td><td>-55,2</td><td>-25,9</td><td>439,5</td><td>473,9</td><td>-10,7</td><td>41,4</td><td>44,5</td><td>67,3</td><td>97,6</td><td>108,7</td><td>110,1</td><td>114,2</td></tr>
<tr><td>Картошка, ҳаз. тонна</td><td>591,4</td><td>669,1</td><td>181,6</td><td>226,8</td><td>409,8</td><td>442,3</td><td>274,9</td><td>296,4</td><td>316,5</td><td>372,7</td><td>-93,3</td><td>-69,6</td><td>215,1</td><td>225,7</td><td>66,1</td><td>76,5</td></tr>
<tr><td>Сабзавот ва полезиҳо, ҳаз. тонна</td><td>871,5</td><td>1027,8</td><td>472,0</td><td>538,0</td><td>399,5</td><td>489,8</td><td>496,2</td><td>535,1</td><td>375,3</td><td>492,7</td><td>-24,2</td><td>2,9</td><td>175,6</td><td>192,1</td><td>95,1</td><td>100,5</td></tr>
<tr><td>Меваҳо, буттамеваҳо ва ангур, ҳаз. тонна</td><td>219,4</td><td>302,3</td><td>173,3</td><td>202,3</td><td>46,1</td><td>100</td><td>373,2</td><td>399,8</td><td>-153,8</td><td>-97,5</td><td>-199,9</td><td>-197,5</td><td>58,8</td><td>75,6</td><td>46,4</td><td>50,6</td></tr>
<tr><td>Равғани растанӣ, ҳаз. тонна</td><td>5,7</td><td>7,1</td><td>54,4</td><td>61,9</td><td>-48,7</td><td>-54,8</td><td>49,6</td><td>53,5</td><td>-43,9</td><td>-46,4</td><td>4,8</td><td>8,4</td><td>11,5</td><td>13,3</td><td>109,7</td><td>115,7</td></tr>
</table>

**Сарчашма:** ҳисобҳои муаллиф дар асоси ҷадвалҳои дар диссертатсия овардашуда

Ба хориҷи вилоят баровардани молҳои номбаршуда ба дигар минтақаҳо ва содирот афзоиш меёбад. Албатта, овардан аз дигар минтақаҳо ва воридоти намудҳои алоҳидаи гурӯҳҳои номбаршудаи молҳо ба минтақа бо мақсади пур кардани доираи номгӯйи онҳо истисно карда намешавад. Масалан, банан, киви, ананас, ангур ва ғ.

Масъалаи муҳим афзоиши содироти сабзавот ва полезиҳо, меваҷот, мева ва буттамева, ҳам тару тоза ва ҳам коркардшуда дар шакли консерваҳо ва афшураҳои меваву сабзавот мебошад, ки имкон медиҳад, ки иқтидори содиротии минтақа ва воридотивазкунӣ ба таври назаррас афзоиш ёбад. Бояд дар бораи содироти тухм ба минтақаҳои наздиктарини кишварҳои ҳамсоя фикр кард.

Аз рӯйи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ истеҳсоли онҳо дар вазни забҳшуда аз 59,88 ҳазор тонна то 77,7 ҳазор тонна ё 29,7% зиёд мешавад. Ин назар ба суръати афзоиши аҳолӣ дар давраи баррасишаванда хеле баландтар аст. Табиист, ки дараҷаи худтаъминкунии вилоят бо захираҳои истеҳсоли маҳаллӣ аз 49,1% то 59,1% зиёд мешавад. Сатҳи истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ низ меафзояд. Ҳамин тавр, дар соли 2030 ҳаҷми онҳо дар фоизи ҳаҷми талабот мувофиқи МФИ 99,1% - ро ташкил медиҳад, яъне бо назардошти воридот аз дигар минтақаҳо ба меъёри истеъмоли физиологӣ мерасад.

Истеҳсоли моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ аз 1340 тонна дар соли 2025 то 2240 тонна дар соли 2030 мерасад ё 67,2% афзоиш хоҳад ёфт. Ҳаҷми умумии истеъмоли онҳо бо % нисбат ба МФИ дар соли 2030 77,8% нисбат ба 50,0% дар соли 2025-ро ташкил медиҳад. Сатҳи худтаъминкунии соҳаи маҳсулоти моҳӣ аз 49,8% то 77,3% меафзояд. Ҳамин тариқ, ҳисобҳои пешбинишуда нишон медиҳанд, ки дар давраи оянда зарурати афзоиши назарраси истеҳсоли моҳӣ дар минтақа вуҷуд дорад.

Ҳаҷми истеҳсоли тухм аз ҳаҷми талаботи дохиливилоятӣ зиёд буда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ содир карда мешавад. Дар бораи содироти тухм ба дигар кишварҳо фикр кардан лозим аст.

Захираҳои маҳаллии нон ва маҳсулоти нонӣ дар вилоят аз 428,8 ҳазор тонна дар соли 2025 то 515,3 ҳазор тонна ё 20,2% афзоиш меёбанд, Дар соли 2030 бо вуҷуди ин, онҳо бояд дар ҳудуди 25,9 ҳазор тонна дар қиёс бо 55,2 ҳазор тоннаи соли 2025 ворид карда шаванд. Дар соли 2030 истеъмоли нон ва маҳсулоти нонӣ аз ҷониби мо дар сатҳи меъёри физиологии истеъмол ояндабинӣ шудааст. Дар айни замон, тибқи расму оинҳои миллии истеъмоли маҳсулоти нонӣ, мутаносибан ҳаҷми воридоти орд ва гандум метавонад нисбат ба маълумоти дар ҷадвал овардашуда хеле баландтар бошад.

Ҳаҷми истеҳсоли равғани растанӣ дар давраи пешбинишуда 35,5% зиёд мешавад. Бо вуҷуди ин, воридоти он дар таъмини талаботи аҳолӣ нақши асосиро бозида идома медиҳад. Барои кам кардани воридоти онҳо истеҳсолотро зиёд кардан лозим аст. Бо зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли равғани пахта ба ҳаҷми

53,4 ҳазор тонна, талаботи аҳолии вилоятро пурра аз ҳисоби истеҳсоли вилоятии он таъмин кардан мумкин аст.

Истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ дар соли 2030 нисбат ба соли 2025 38,0% зиёд мешавад. Мувофиқи ҳисобҳои мо, қариб 18% шакари истеъмолшуда аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти қаннодии вилоятӣ ба даст оварда мешавад. Тавре ки қаблан зикр гардид, воридоти шакар ва маҳсулоти қаннодӣ ба вилоят идома хоҳад ёфт. Вазифа аз он иборат аст, ки истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ аз ҳисоби шакари ба таври воридот овардашаванда хеле зиёд карда шавад.

Дар диссертатсия инчунин ҳисобҳои пешбинишудаи ҳаҷми умумӣ ва сохтори иқтидори бозори молҳои озуқаворӣ амалӣ карда шуданд. Дар асоси интихоби омилҳо барои моделҳои иқтисодӣ-математикии пешгӯии иқтидори бозори гурӯҳҳои асосии молҳои озуқаворӣ шумораи аҳолӣ ва даромади миёнаи ҳар як хонавода ҳамчун гурӯҳҳои асосӣ муайян карда шуд.

Мувофиқи равишҳои методологии зикршуда моделҳои иқтисодӣ-математикии рушди бозор аз рӯи гурӯҳҳои асосии молҳои озуқаворӣ тартиб дода шуданд.

Бо роҳи хулосабарориҳои мантиқӣ муайян карда шуд, ки омилҳои асосии ченшаванда, ки метавонанд ба моделҳои пешгӯии иқтидори бозори хӯрокворӣ дохил карда шаванд, шумораи аҳолӣ, даромади миёнаи ҳар сари аҳолӣ ва нархҳои чакана мебошанд. Таҳлили динамикаи рушди омилҳои номбаршуда нишон дод, ки афзоиши шумораи аҳолӣ ва даромади миёнаи ҳар як нафар хусусияти устувори афзоиш дорад ва онҳоро ба муодилаи регрессия дохил кардан мумкин аст ва нархҳои чаканаи қариб ҳамаи маҳсулоти хӯрокворӣ хусусияти рушди ҷаҳанда доранд. Масалан, индекси нархи картошка дар соли 2017 180,0% - ро, дар соли 2020 бошад -160,5%, дар соли 2023 140,1%-ро ташкил дод. Дар фосилаи байни ин солҳо он аз 100,0% хеле камтар буд ва дар соли 2018 60,8%, дар соли 2019 - 56,6%, дар соли 2022 бошад, 74,4% – ро ташкил дод. Индекси нархи сабзавот дар соли 2017 - 143,7%, дар соли 2019 - 160,0%, дар соли 2021 - 142,0%, дар соли 2023 - 144,1% ва дар соли 2016 - 93,9%, дар соли 2018 - 103,6%-ро ташкил дод ва ғ.

Дар робита ба ин, ду омил ба модели пешгӯии талабот дохил карда шуданд. Мо пайдарпаии муайян кардани муодилаи регрессияи иқтидори бозорро барои гӯшт, паранда ва маҳсулоти ҳасибӣ нишон медиҳем.

Дар натиҷа, муодилаи регрессия чунин шакл гирифтааст:

$$Y_{5.n} = a + b * X_{5.1} + c * X_{5.2} \quad (3)$$

дар ин ҷо $Y_{5.n}$ – ҳаҷми ғунҷоиши бозори маҳсулоти -n, X5.1 – шумораи миёнасолонаи аҳолӣ, $X_{5.2}$ - маҷмуи даромади солона ба сари аҳолӣ, a, b, c – ченакҳои баробарӣ мебошанд.

Мо раванди муайян кардани муодилаи регрессия ва натиҷаҳоиояндабиниро дар мисоли иқтидори бозори гӯшт, паранда ва маҳсулоти ҳасибӣ нишон медиҳем.

Маълумот барои ҳисоб кардани модели омилӣ дар ҷадвали 11 оварда шудааст.

**Ҷадвали 11. – Маълумот барои ҳисоб кардани модели омилӣ**

| Давра | Ғунҷоиши бозори гӯшт, паранда ва маҳсулоти ҳасибӣ, $Y_{5.1}$ | Шумораи миёнасолонаи аҳолӣ, $X_{5.1}$ | Маҷмуи даромади солона ба сари аҳолӣ, $X_{5.2}$ |
|---|---|---|---|
| 2016 | 575,0 | 2583,3 | 418,52 |
| 2017 | 662,6 | 2633,45 | 500,6 |
| 2018 | 720,6 | 2682,85 | 496,5 |
| 2019 | 851,4 | 2745,15 | 543,11 |
| 2020 | 1027,1 | 2803,45 | 671,05 |
| 2021 | 1297,6 | 2846,95 | 854,22 |
| 2022 | 1413,8 | 2891,96 | 1014,63 |
| 2023 | 1653,1 | 2893,65 | 1142,56 |

**Сарчашма:** таҳия шудааст дар асоси маълумоти: [4, С. 124, 340; 6, С. 122-123, 343].

Қимати нишондиҳандаҳои коррелятсияи омилҳо дар ҷадвали 12 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 12 – Нишондиҳандаҳои матритсаи коррелятсияи ҷуфтӣ дар байни омилҳо**

| Нишондиҳандаҳо | Ғунҷоиши бозори гӯшт, паранда ва маҳсулоти ҳасибӣ | Шумораи миёнасолонаи аҳолӣ | Маҷмуи даромади солона ба сари аҳолӣ |
|---|---|---|---|
| Ғунҷоиши бозори гӯшт, паранда ва маҳсулоти ҳасибӣ | 1,00 | | |
| Шумораи миёнасолонаи аҳолӣ | 0,96 | 1,00 | |
| Маҷмуи даромади солона ба сари аҳ олӣ | 0,99 | 0,93 | 1,00 |

**Сарчашма:** дар асоси ҳисобҳои анҷом додашуда мураттаб гардидааст.

Модели ояндабинии ғунҷоиши бозори гӯшт, паранда ва маҳсулоти ҳасибӣ:

$Y_{5.1}$ = -2163,01 + 0,88 * $X_{5.1}$ + 1,09 * $X_{5.2}$ (4)

Коэффитсиенти коррелятсия (R) ва коэффитсиенти детерминатсия ($R^{2)}$ баробар мебошанд: R=0,99; $R^2$=0,98, ки ин аз қобили қабул будани муодила барои ҳисобҳо гувоҳӣ медиҳад.

Қимати омилҳои модели ояндабинӣ бо истифода аз функсияи «Тамоюл»-и нармафзори ҷадвалии Microsoft Excel дар асоси усули экстраполятсия ҳисоб карда шуд.

Натиҷаҳои ҳисобкунии қиматҳои пешбинишудаи иқтидори бозори гӯшт, паранда ва маҳсулоти ҳасибӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон дар ҷадвали 13 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 13-арзишҳои пешбинишудаи иқтидори бозори гӯшт, паранда ва маҳсулоти ҳасибӣ ва омилҳое, ки ба он таъсир мерасонанд**

(млн. сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | Арзёбӣ | |Ояндабинӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
| Ғунҷоиши бозори гӯшт, паранда ва маҳсулоти ҳасибӣ | 1730,2 | 1886,8 | 2043,5 | 2200,2 | 2356,9 | 2513,5 | 2670,2 |
| Шумораи миёнасолонаи аҳолӣ, нафар | 2975,2 | 3023,0 | 3070,8 | 3118,6 | 3166,4 | 3214,2 | 3262,0 |
| Маҷмуи даромади солона ба сари аҳолӣ, сомоний | 1178,7 | 1283,9 | 1389,2 | 1494,4 | 1599,6 | 1704,9 | 1810,1 |

**Сарчашма:** дар асоси ҳисобҳои анҷом додашуда мураттаб гардидааст.

Бо чунин пайдарҳамӣ муодилаҳои регрессия аз рӯи 24 гурӯҳи молҳои хӯрокворӣ мувофиқи таснифоте, ки дар параграфи 1.1 диссертатсия оварда шудааст, муайян карда шуданд.

Натиҷаҳои ҳисобҳои пешбинишуда барои давраи то соли 2030 нишон доданд, ки дар дурнамои баррасишаванда афзоиши иқтидори бозори ҳамаи гурӯҳҳои маҳсулоти хӯрокворӣ бо суръати баланд ба назар мерасад. Суръати баландтари афзоиши талабот ба аҳолӣ аз рӯйи гӯшт, паранда ва маҳсулоти ҳасибӣ, моҳӣ ва маҳсулоти баҳрӣ, селд, равғани чарбу, равғани хӯрокворӣ ва дигар равғанҳои хӯрокворӣ, равғани маска, панир, маҳсулоти қаннодӣ, мураббо, ҷем, повидло ва асал ва ғайра интизор меравад. Суръати пасти афзоиш аз рӯйи нон ва маҳсулоти нонӣ, картошка интизор меравад. Ҳамин тариқ, дар давраи пешбинишуда дар минтақа боз ҳам беҳтар шудани сохтори фурӯши чаканаи молҳо ва истеъмоли ғизо ба амал меояд.

Бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи бозори молҳои озуқаворӣ дар вилоят зарурати ҳалли як қатор вазифаҳои афзалиятнок қайд карда мешавад. Таъмини захираҳои иловагии молиявӣ ва имтиёзҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ (қарзҳои имтиёзноки бонкӣ, боҷҳои имтиёзноки гумрукӣ барои воридоти навъҳои беҳтарини тухмӣ, ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда, заҳр-химикатҳо барои муҳофизат кардани зироат аз ҳашароти зараррасон ва алафҳои бегона (хубтараш заҳр-химикатҳои безарар) ва ғайра пешбинӣ шудааст. Дар шароити вилоят инкишофи зотҳои сермаҳсули чорво ва ғайра аҳаммияти муҳим дорад.

Яке аз самтҳои таъмини афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ рушди васеи истеҳсолоти ёрирасони деҳоти ширкатҳои калон дар соҳаҳои саноат, алоқа ва ғайра, шабакаи анборҳои нигоҳдории меваву сабзавот мебошад. Дастгирии минбаъдаи соҳаҳое ба монанди моҳипарварӣ, парандапарварӣ аз ҷониби давлат барои таъмини афзоиши захираҳои онҳо барои бозор аҳаммияти муҳим дорад.

Зарурати беҳтар кардани инфрасохтори бозори озуқаворӣ минтақавӣ асоснок карда шудааст (расми 3).




**Расми 3. – Инфрасохтори бозори озуқаворӣ минтақавӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Нақшаи консептуалии инфрасохтори бозори озуқаворӣ минтақавӣ пешниҳод карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф, самти муҳимми рушди бозори озуқаворӣ минтақавӣ кластеризатсияи субъектҳои хоҷагидор ва субъектҳои инфрасохтории бозор мебошад. Нақшаи таъсиррасонии субъектҳои кластерҳои бозори озуқаворӣ минтақавӣ ба ҳамдигар пешниҳод карда шудааст (расми 4).




**Расми 4 – Нақшаи умумии консептуалии кластери озуқавории минтақавӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Дар ин расм мураккабии кластери озуқавории минтақавӣ тасвир шудааст. Меҳвари асосии кластер субъектҳои асосии хоҷагидори бозорро ҳамчун сохторҳои кишоварзӣ, анборҳои сабзавот ва меваҳо, субъектҳои хоҷагидори соҳаи саноати хӯрокворӣ, савдо ва хӯроки умумӣ дар бар мегирад. Онҳо бояд бозигарони асосии кластер бошанд. Табиист, ки дар ҳайати кластер ҳамаи субъектҳои хоҷагидори инфрасохторӣ ҷалб карда мешаванд. Онҳо ба фаъолияти самараноки ҳамаи субъектҳои хоҷагидори кластер мусоидат мекунанд.

Дар схемаҳо инчунин мақомоти давлатии идоракунии кишвар ва минтақа нишон дода шудаанд. Гарчанде ки онҳо одатан ба кластерҳо ҳамчун иштирокчиёни расмӣ, ба монанди унсурҳои инфрасохторӣ дохил намешаванд, аммо дар ташаккул ва рушди кластерҳо ҳамчун шарикони беруна ё танзимкунандагон нақши калидӣ мебозанд. Онҳо сиёсати кластерикунониро таҳия ва татбиқ намуда, барномаҳои махсуси дастгирии кластер, аз ҷумла механизмҳои молиявӣ, имтиёзҳои андозӣ, соддагардонии расмиёти иҷозатномадиҳӣ ва сертификатсияро эҷод мекунанд. Нақши онҳо дар фароҳам овардани муҳити мусоиди меъёрию ҳуқуқӣ (таҳия ва қабули қонунҳо ва санадҳои қонунӣ, ки рушди кластерҳоро ҳавасманд мекунанд) бузург буда, онҳо омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисони зарурӣро барои кор дар кластерҳо ва ғайра ташкил мекунанд.

Иштироки фаъол ва дастгирии мақомоти идоракунии давлатӣ барои муваффақияти ташаббуси кластерӣ муҳим аст. Онҳо ҳамчун меъморе амал мекунанд, ки барои фаъолияти бомуваффақият ва рушди кластерҳо шароит фароҳам меорад.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

### Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

1. Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки мафҳуми «бозори минтақавии озуқаворӣ» аз якҷоя кардани вожаҳои «бозори озуқаворӣ» ва калимаи «минтақа» ба вуҷуд омадааст. Нақшаи ҳамкории мутақобила, алоқамандӣ ва ҳамвобастагии мутақобилаи субъектҳои хоҷагидори бозори озуқавории минтақавӣ таҳия шудааст: истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, сохторҳои нигоҳдории сабзавот ва меваҳо, субъектҳои саноати хӯрокворӣ, савдои яклухт ва чакана, хӯроки умумӣ, фаъолияти савдо ва миёнаравӣ, ташкилотҳои савдои хориҷӣ ва воҳидҳои инфрасохторӣ. [2- М], [10-М].

2. Таҳлили ду равиши муқобил ба ташаккули захираҳои молӣ (либералӣ ва протексионизм) нишон дод, ки дар мавриди шароити вилояти Суғд зарурати омезиши ҳарду равиш вуҷуд дорад. Ҳама омилҳои ташаккули пешниҳод ва талабот дар бозори озуқавории минтақавӣ ба миқдоран ченшаванда ва миқдоран ченнашаванда тасниф карда мешаванд, ки ҳангоми таҳлил ва пешгӯии рушди захираҳои молӣ ва иқтидори бозори озуқаворӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи таъсири омилҳои ченшаванда дар нишондиҳандаҳои миқдорӣ чен карда шавад ва бо роҳи хулосабарориҳои мантиқӣ таъсири омилҳои ченнашаванда баҳо дода шавад. [11-М], [12-М].

3. Асоснок карда шудааст, ки дар шароити бӯҳрони ҷаҳонии озуқаворӣ нақши захираҳои молии истеҳсоли маҳаллӣ дар пур кардани бозори озуқавории минтақа ва баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии он бо маҳсулоти хӯрокворӣи истеҳсоли маҳаллӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад. [1- М], [20-М].

4. Ислоҳоти аграрии гузаронидашуда ба суръати баланди афзоиши ҷамъоварии умумии маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ мусоидат кард. Бо вуҷуди ин, дар вилоят захираҳо барои зиёд кардани майдони кишт қариб тамом шудаанд, афзоиши истеҳсоли маҳсулот асосан аз ҳисоби афзоиши ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ ва саршумори чорво ба даст оварда мешавад. Таҳлили маводи омории ҳаҷман калон имкон дод муайян карда шавад, ки суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз суръати афзоиши шумораи аҳолӣ зиёдтар мебошад, ки ин нақши истеҳсолоти маҳаллиро дар пур кардани бозор бо маҳсулот баланд мебардорад. Дастгирии давлатии соҳаҳои парандапарварӣ ва моҳипарварӣ имкон дод, ки сатҳи қонеъ кардани талаботи аҳолӣ ба гӯшт ва моҳӣ нармтар карда шавад. Имкониятҳои воқеии истеҳсоли саноатии молҳо, аз қабили маҳсулоти қаннодӣ, равғани растанӣ, нӯшокиҳои спиртӣ ба қадри кофӣ истифода намешаванд. [2-М].

5. Исбот карда шудааст, ки дар вилояти Суғд номутаносибии савдои хориҷии озуқаворӣ ба назар мерасад, ки дар он воридот аз содирот се баробар зиёд аст. Содирот, асосан, ба маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили меваҳои тару хушк, пиёз, арахис, ангур, афшураҳои меваю сабзавот ва помидорҳои

консервшуда равона карда шудааст. Ҳаҷми нокифояи истеҳсоли дохилии маҳсулот, аз қабили гандум, орд ва равғани растанӣ, инчунин молҳои дар минтақа истеҳсолнашаванда (чой, қаҳва, шакар ва ғайра) аз ҳисоби воридоти онҳо ташаккул меёбад. Зарурати рушди воридотивазкунии озуқаворӣ дар минтақа бо далелҳо асоснок карда шудааст. [17-М].

6. Рушди захираҳои молии бозори озуқаворӣ, афзоиши шумора ва даромади пулии аҳолӣ дар вилоят ба афзоиши гардиши яклухт ва чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ мусоидат мекунад. Дар сохтори он тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ ба нафъи маҳсулоти арзишашон бештар аз ҷиҳати меъёрҳои физиологии истеъмол ба амал меоянд. [2-М], [3-М], [4-М].

7. Арзёбии худтаъминкунии вилоят бо намудҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ бо назардошти имкониятҳои мавҷудаи истеҳсоли онҳо дар минтақа имкон дод, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли молҳо, аз қабили сабзавот ва полезиҳо, меваю буттамева, ангур, картошка ва тухм аз ҳаҷми умумии истеъмоли воқеии онҳо дар минтақа, инчунин ҳаҷми умумии талабот ба онҳо дар сатҳи меъёрҳои физиологии истеъмол зиёд бошад ва онҳо ба миқдори зиёд ба кишварҳои хориҷӣ содир карда мешаванд ва ба дигар минтақаҳои кишвар бурда мешаванд. Ҳаҷми умумии истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ, равғани растанӣ ва маҳсулоти қаннодӣ на ҳаҷми умумии истеъмоли онҳо ва на ҳаҷми умумии эҳтиёҷоти дар сатҳи меъёрҳои физиологӣ ҳисобшударо фаро намегирад. Ин молҳо ба миқдори зиёд аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ оварда ва аз хориҷа ворид карда мешаванд. Шакар ва чой пурра аз рӯйи воридот оварда мешаванд. [2-М].

8. Азбаски имкониятҳои васеъ кардани майдони кишт дар вилоят хеле маҳдуд аст, дар модели ҳисобҳои пешбинишудаи ҳаҷми ҷамъоварии умумии зироатҳои асосии кишоварзӣ барои давраи то соли 2030 танҳо омили ҳосилнокии онҳо дохил карда шуд. Дар модели ояндабинии гӯшт омилҳои саршумори чорвои калон, гӯсфанд, буз, асп ва паранда, ояндабинии шир - саршумори гов ва миқдори шири ҷӯшида ба ҳисоби миёна аз як сар модагов, ояндабинии тухм – шумораи парандагон ва тухмдиҳӣ ба ҳисоби миёна аз як мокиёни тухмдеҳ дохил карда шуданд. Натиҷаҳои пешгӯӣ нишон доданд, ки ҷамъоварии умумии маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ бо суръати хеле баланд меафзояд. Афзоиши маҳсулоти моҳипарварӣ дар вилоят арзёбӣ карда шуд. [11-М], [15-М].

9. Арзёбии пешбинишудаи худтаъминкунии вилоят аз ҷониби гурӯҳҳои асосии молҳои озуқаворӣ барои давраи то соли 2030 нишон дод, ки афзоиши минбаъдаи ҷамъоварии умумии маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва тухм дар вилоят имкон медиҳад, ки иқтидори содиротии вилоят ба таври назаррас баланд бардошта шавад. Аз рӯйи чунин маҳсулот, аз қабили гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, маҳсулоти нонӣ, равғани растанӣ ва маҳсулоти қаннодӣ сатҳи худтаъминкунии вилоят ба таври назаррас баланд хоҳад шуд. [2-М].

10. Дар модели пешгӯии ҳаҷми умумӣ ва сохтори молии ғунҷоиши бозори молҳои озуқаворӣ дар вилоят барои давраи то соли 2030 дар асоси моделҳои омилии иқтисодӣ-математикӣ шумораи аҳолӣ ва даромади миёнаи

солона ба сари аҳолӣ дохил карда шуд. Тағйирёбии пешгӯинашавандаи индекси нархҳо истифодаи онҳоро дар моделҳои ояндабинӣ ғайриимкон сохт. Натиҷаҳои пешгӯӣ нишон медиҳанд, ки гардиши чаканаи мол дар минтақа дар давраи ояндабинӣ бо суръати баланд меафзояд ва сохтори он ба таври назаррас беҳтар мешавад. [4-М].

11. Дар кор самтҳои асосии рушди захираҳои молии бозор аз ҳисоби маҳсулоти хӯроквории истеҳсоли маҳаллӣ бо назардошти ивазкунии воридот муайян карда шудаанд. Зарурати баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, зиёд кардани саршумор ва ҳосилнокии чорво, рушди инфрасохтори бозор ва кластеризатсияи субъектҳои он асоснок карда шудааст. [12-М], [18-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

3. Муқаррароти назариявӣ дар бораи бозори озуқаворӣи минтақавӣ, иртиботи мутақобилаи он ва ҳамвобастагии субъектҳои асосии хоҷагидории он, захираҳои молӣ, тамоюлҳои рушди онҳо, манбаъҳои ташаккулёбӣ ва омилҳои рушд ва тавсияҳои амалӣ оид ба ҳавасмандгардонии афзоиши захираҳои молӣ ва гардиши мол, арзёбии худтаъминкунии минтақа бо маҳсулоти хӯрокворӣ ва натиҷаҳои ҳисобҳои пешбинишуда тавсия дода мешавад, ки дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳо ҳангоми таълим додани фанҳои таълимии «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисоди корхона», «Маркетинг», «Таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ» ва ғайра истифода шаванд. [1- М], [2-М], [3-М], [10-М], [11-М].

4. Ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои хоҷагидор зарур аст, ки дар шароити бухрони ҷаҳонии озуқаворӣи муосир ба баланд бардоштани дараҷаи худтаъминкунии минтақа бо молҳои истеҳсоли маҳаллӣ бештар таваҷҷуҳ кунанд. [2-М].

3. Ба субъектҳои хоҷагии қишлоқ зарур аст, ки дар шароити маҳдудияти майдони кишт диққати асосӣ ба баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва маҳсулнокии чорво равона карда шавад. Пешниҳод карда мешавад, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ, корҳои селексионӣ ва афзоиши саршумори чорвои сермаҳсул дода шавад. [10-М].

4. Ҳукумати вилоятро зарур аст, ки диққати аввалиндараҷаро ба рушди иқтидори содиротии минтақа аз ҳисоби афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, молҳои ғайриозуқаворӣ ва хизматрасониҳо равона намояд. Сатҳи воридотивазкуниро дар минтақа баланд бардоштан даркор аст. [18-М].

5. Ҳисобҳои пешбинишудаи ҷамъоварии умумии молҳои кишоварзӣ ва маҳсулоти чорводорӣ барои давраи то соли 2030 пешниҳод карда мешаванд, ки дар асоси самтҳои рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода шаванд, ки ба баланд бардоштани худтаъминкунии вилоят бо маҳсулоти хӯрокворӣ мусоидат мекунад. Ба масъалаҳои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва маҳсулнокии чорво диққати махсус дода шавад. [2-М].

6. Ба сохторҳои хоҷагидори истеҳсолӣ тавсия дода мешавад, ки ҳаҷми истеҳсоли тамоми молҳои озуқавориро афзоиш диҳанд, ки ин имкон медиҳад: а) аз рӯйи маҳсулоти хӯрокворӣ, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли онҳо аз ҳаҷми умумии истеъмол ва талабот ба онҳо дар сатҳи меъёрҳои физиологии истеъмол

зиёд аст, ҳаҷми умумии содирот ва баровардани онҳоро ба минтақаҳои дигар зиёд кунад; б) аз рӯйи маҳсулоти хӯрокворӣ, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли онҳо на ҳаҷми умумии истеъмоли воқеии онҳоро фаро мегирад ва на ҳаҷми умумии талабот ба онҳо дар сатҳи меъёрҳои физиологии истеъмол аст, сатҳи худтаъминкунии минтақаро бо ин молҳо баланд бардорад ва имкониятҳои воридотивазкунии онҳоро беҳтар созад. [15-М, [17-М].

7. Ба субъектҳои хоҷагидори тиҷоратӣ тавсия дода мешавад, ки ҳисобҳои пешгӯишавандаи ҳаҷми умумӣ ва сохтори ғунҷоиши бозори молҳои озуқавориро ҳангоми муайян кардани самтҳои афзоиши гардиши мол ба назар гиранд, ки ин ба қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ мусоидат намуда, тадриҷан ба сатҳи истеъмоли маҳсулот дар сатҳи меъёрҳои физиологии истеъмол ноил гардидан имконпазир мегардад. [3-М].

8. Ба субъектҳои бозори минтақавии озуқаворӣ тавсия карда мешавад, ки корҳои маркетингиро беҳтар намоянд, чунки хусусияти болоравии якбораи нархҳои чакана аз дараҷаи нокифояи истифодаи абзорҳои маркетингӣ дар маҳалҳо шаҳодат медиҳад. [10-М].

9. Пешниҳод карда мешавад, ки ба рушди шабакаҳои хоҷагиҳои деҳқонии ширкатҳои калон, анборҳои меваву сабзавот, такмили инфрасохтори бозори минтақавии озуқаворӣ ва кластерикунонии субъектҳои хоҷагидорӣ ва инфрасохтории бозор диққати махсус дода шавад. [6-М], [12-М].

**Адабиёти истифодашуда:**


1. 733 миллиона человек в мире сталкивались в 2023 году с голодом. – [Электронный ресурс]. – https://www.wsws.org/ru/articles/2024/08/03/hung-a03.html (дата обращения: 10.10.2024).

2. В Согде произведено более 800 тонн рыбы. URL: https://sugdnews.com/2023/01/13/v-sogde-proizvedeno-bolee-800-tonn-ryby/ (Дата обращения: 20-ноября 2024 г.)

3. Маълумоти шуъбаи кишоварзии Сарраёсати омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.

4. Омори солонаи вилояти Суғд – 2022. Сарраёсати омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023 – С. 341-342; Омори солонаи вилояти Суғд. – 2023. Сарраёсати омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024 – С. 343-344.

5. Омори солонаи вилояти Суғд. – 2016. Сарраёсати омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд – 2016. – С.326-327.

6. Омори солонаи вилояти Суғд. – 2023. Сарраёсати омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд – 2024. – С.193-231.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023. [Захираи электронӣ]. – https://president.tj/event/missives/36374 (санаи муроҷиат: 10.04.2024).

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри

соли 2024 – [Захираи электронӣ]. – https://president.tj/event/missives/49237. (санаи мурочиат: 10.01.2025).

9. Ҳисобҳо аз рӯйи маълумоти: Омори солонаи вилояти Суғд – 2022. Сарраёсати омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023 – С. 296-304, 311-324; Омори солонаи вилояти Суғд. – 2023. Сарраёсати омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024 – С. 297-305, 312-325.

**Феҳристи интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи таҳқиқот**
**Дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1- М]. Неъматов И.У. Местные товарные ресурсы рынка продовольственных товаров в системе обеспечения потребностей населения Согдийской области [Текст] / И.У. Неъматов // Вестник Таджикского государственного финансово-экономического университета. 2024. №3 (42). - С. 164-170. ISSN 2663-0389

[2-М]. Неъматов И.У. Анализ динамики развития производства и потребления продовольственных товаров в Согдийской области, и оценка самообеспеченности региона продуктами питания [Текст] / И.У. Неъматов, И. Аминов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук 2024. №6. Часть II. - С. 5-14. ISSN 2413-5151

[3-М]. Неъматов И.У. Тенденции развития продовольственного рынка Согдийской области на основе данных выборочных обследований среднедушевых доходов и расходов домохозяйств [Текст] / И.У. Неъматов // Вестник Таджикского государственного финансово-экономического университета. 2024-№1 (40). - С. 54-61. ISSN 2663-0389

[4-М]. Неъматов И.У. Продовольственная безопасность и развитие рынка продовольственных товаров в Республике Таджикистан [Текст] / И.У. Неъматов, И.Аминов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук 2024. №6. Часть II 2023. №3. - С. 27-35. ISSN 2413-5151

[5-М]. Неъматов И.У. Баъзе масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] / И.У.Неъматов // Паёми молия ва иқтисод. 2022. №2. (31). - С. 125-132. ISSN 2663-0389

[6-М]. Неъматов И.У. Агропромышленные кластеры как механизм реализации программы социально-экономического развития региона [Текст] / И.У. Неъматов, К.И. Изатов, Т.Г. Джобирзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук 2017. №2 (5). – С. 99-103. ISSN 2413-5151

[7-М]. Неъматов И.У. Государственное регулирование цены продовольственных продуктов в зарубежных странах [Текст] // Вестник педагогического университета. 2012. №1 (44). – С. 224-231. ISSN 2219-5408

[8-М]. Неъматов И.У. Мультипликативный механизм – косвенное государственное регулирование цены продовольственных продуктов [Текст] /

И.У. Неъматов // Вестник Таджикского национального университета. 2011. №10 (74). -С. 236-242. ISSN 2413-5151

[9-М]. Неъматов И.У. Методические подходы к маркетинговому исследованию регионального рынка мяса [Текст] / И.У. Неъматов // Вестник Таджикского национального университета. 2011. №8 (72). – С. 120-125. ISSN 2413-5151

[10-М]. Неъматов И.У. Региональный аграрный рынок: становление и развитие [Текст] / И.У. Неъматов // Вестник Таджикского национального университета. 2011. №7 (71). – С. 112-116. ISSN 2413-5151

**Монография:**

[11-М]. Неъматов И.У. Танзими давлатии нарх: самараи мултипликативии он дар бозори молҳои алоҳида. Монография. Душанбе. - 2023. - 201 С.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[12-М]. Неъматов И.У. Формирование инфраструктуры продовольственного рынка [Текст] / С. К. Ниязова, И.У. Неъматов, М.Т. Курбанова // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление. 2010. №2. – С. 26-32.

[13-М]. Неъматов И.У. Значение системы государственного регулирования и его роль для аграрного сектора экономики [Текст] / И. У. Неъматов, Ф. С. Абдувасиев, Д. С. Давлатов // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление. 2010. №1. – С. 30-44.

[14-М]. Неъматов И.У. Роль маркетинга в развитии продовольственного рынка [Текст] / Ш. Т. Одинаев, И. У. Неъматов, Ф. Э. Аттоев // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление. 2009. №9. – С. 20-30.

[15-М]. Неъматов И.У. Рост продуктивности – путь к устойчивому развитию скотоводства / И.У. Неъматов, А.А. Мадаминов // Вестник Финансово-экономического института Таджикистана. 2017. – №3 (11).- С. 9-15.

[16-М]. Неъматов И.У. Таҳлили танзими давлатии нархи бозори гӯшт / И.У. Неъматов // Конференсияи умумидонишгохии илмию назариявии хайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷуёни ДДМИТ бахшида ба «30 -юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли маърифати ҳуқуқӣ» (22-27 апрели соли 2024). 2024. С. 536-540.

[17-М]. Неъматов И.У. Саҳми амалиётҳои воридоту содирот дар рушди захираҳои молии бозори минтақавии озуқаворӣи вилояти Суғд / И.У. Неъматов // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Мақомоти гумрук ва нақши он дар таъмини бехатарии иқтисодӣ» (ш. Душанбе, 30-юми ноябри соли 2024). – С. 467-472.

[18-М]. Неъматов И.У. Ресурсная база рынка продовольственных товаров в системе обеспечения потребностей населения Согдийской области / И.У. Неъматов // Материалы Международной научно-теоретической конференции ТГУК на тему «Развития предпринимательской деятельности в условиях цифровой экономики» (17-18 ноября 2023 года). - 2023г.- С.143-146.

[19-М]. Неъматов И.У. Ҷанбаҳои илмии марҳилаҳои рушди таъмини амнияти озуқаворӣ / И.У. Неъматов // Конференсияи илмӣ-амалии ДДМИТ

бахшида ба «Солҳои рушди саноат (2022-2026)» (18-23 апрели соли 2023). 2023. - С. 107-111

[20-М]. Неъматов И.У. Омӯзиши бехатарии озуқаворӣ ҳамчун омили ҳалли муаммоҳои молиявию-иқтисодии ҷамъият / И.У. Неъматов // Сборник статьей научно-теоретической конференции преподавателей и студентов ФЭИТ посвященной году семьи, 2015 г. - С. 134-136.

**Аннотация**

**на автореферат диссертации Неъматова Илхомидин Усмоновича на тему «Развитие товарных ресурсов регионального продовольственного рынка (на материалах Согдийской области)» на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.03 – Региональная и территориальная экономика**

**Ключевые слова:** товарные ресурсы, продовольственный рынок, регион, факторы, местные ресурсы, самообеспечение, сельскохозяйственные культуры, продукции животноводства, емкость рынка, экспорт, импорт, потребление, инфраструктура, кластеризация, экономико-математические модели.

Целью диссертационной работы является развитие теоретических положений и разработка практических рекомендаций по формированию и развитию товарных ресурсов регионального продовольственного рынка Согдийской области для повышения уровня самообеспеченности региона продуктами питания местного производства.

В диссертации рассматриваются теоретические аспекты формирования и развития товарных ресурсов регионального продовольственного рынка. Исследованы сущность и содержания дефиниции понятий «региональный продовольственный рынок» и «товарные ресурсы», факторы их формирования, обосновывается возрастание роли местных товарных ресурсов в обеспечении рынка продуктами питания в условиях мирового продовольственного кризиса в регионах. Обосновывается необходимость развитии импортозамещания.

Проведен анализ товарных ресурсов и тенденций развития регионального продовольственного рынка в Согдийской области. Анализируются валовой сбор сельскозояйственных культур и производства продукции животноводства в регионе, импорт и экспорт продовольственных товаров. Выявлены тренды и закономерности развития оптово-розничного товарооброта. Дана оценка самообеспеченности региона товарными ресурсами местного производства.

Определены основные направления развития товарных ресурсов и емкости регионального продовольственного рынка Согдийской области на период до 2030 г. на основе экономико-математических моделей с последующей их экспертной оценки. Особое внимание уделено перспективной оценки самообеспеченности региона товарными ресурсами местного производства в предстоящем пятилетии. Определяются приоритетные направления обеспечения развития товарных ресурсов регионального продовольственного рынка. Особое внимания уделяется вопросам совершенствования инфраструкты регионального продовольственного рынка и класстеризации его субъектов.

## Аннотатсия

**ба автореферати диссертатсияи Неъматов Илҳомидин Усмонович дар мавзуи «Рушди захираҳои молии бозори минтақавии озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Калидвожаҳо**: захираҳои молӣ, бозори озуқаворӣ, минтақа, омилҳо, захираҳои маҳаллӣ, худтаъминкунӣ, зироатҳои кишоварзӣ, маҳсулоти чорводорӣ, ғунҷоиши бозор, содирот, воридот, истеъмол, инфрасохтор, кластер, моделҳои иқтисодӣ ва математикӣ.

Мақсади кори диссертатсионӣ рушди муқаррароти назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди захираҳои молии бозори минтақавии озуқаворspringии вилояти Суғд барои баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунии минтақа бо маҳсулоти хӯроквории истеҳсоли маҳаллӣ мебошад.

Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди захираҳои молии бозори минтақавии озуқаворӣ баррасӣ карда мешаванд. Моҳият ва мазмуни таърифи мафҳумҳои «бозори минтақавии озуқаворӣ» ва «захираҳои молӣ», омилҳои ташаккулёбии онҳо таҳқиқ карда шуда, афзоиши нақши захираҳои маҳаллии молӣ дар таъмини бозор бо маҳсулоти хӯрокворӣ дар шароити бухрони ҷаҳонии озуқаворӣ дар минтақаҳо асоснок карда шудааст. Зарурати рушди воридотивазкунӣ низ асоснок карда мешавад.

Таҳлили захираҳои молӣ ва тамоюлҳои рушди бозори минтақавии озуқаворӣ дар вилояти Суғд гузаронида шудааст. Ҷамъоварии умумии зироатҳои кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар минтақа, воридот ва содироти молҳои хӯрокворӣ таҳлил карда шудааст. Тамоюлҳо ва қонуниятҳои рушди гардиши молҳои яклухт ва чакана ошкор карда шуданд. Ба худтаъминкунии минтақа бо захираҳои молии истеҳсоли маҳаллӣ баҳо дода шудааст.

Самтҳои асосии рушди захираҳои молӣ ва ғунҷоиши бозори минтақавии озуқаворӣи вилояти Суғд барои давраи то соли 2030 дар асоси моделҳои иқтисодию математикӣ ва баъдан баҳодиҳии экспертии онҳо муайян карда шуданд. Ба арзёбии ояндадори худтаъминкунии минтақа бо захираҳои молии истеҳсоли маҳаллӣ дар панҷсолаи оянда диққати махсус дода шудааст. Самтҳои афзалиятноки таъмини рушди захираҳои молии бозори минтақавии озуқаворӣ муайян карда шудаанд. Ба масъалаҳои такмили инфрасохтори бозори озуқаворӣи минтақавӣ ва таснифи субъектҳои он диққати махсус дода шудааст.

## Annotation

**on the abstract dissertation of Nematov Ilhomiddin Usmonovich on the topic «Development of commodity resources of the regional food market (based on the materials of the Sughd region)» for the degree of Candidate of Economic Sciences in the specialty 08.00.03 – Regional and territorial economics.**

**Keywords**: commodity resources, food market, region, factors, local resources, self-sufficiency, agricultural crops, livestock products, market capacity, export, import, consumption, infrastructure, clustering, economic and mathematical models.

The purpose of the dissertation is to develop theoretical provisions and develop practical recommendations for the formation and development of commodity resources of the regional food market of Sughd region in order to increase the level of self-sufficiency of the region with locally produced food.

The thesis examines the theoretical aspects of the formation and development of commodity resources of the regional food market. The essence and contents of the definition of the concepts "regional food market" and "commodity resources", the factors of their formation are investigated, and the increasing role of local commodity resources in providing the food market in the context of the global food crisis in the regions is substantiated. The necessity of developing import substitution is substantiated.

The analysis of commodity resources and trends in the development of the regional food market in Sughd region is carried out. The gross harvest of agricultural crops and livestock production in the region, import and export of food products are analyzed. Trends and patterns of development of wholesale and retail trade have been identified. An assessment of the region's self-sufficiency in locally produced commodities is given.

The main directions of the development of commodity resources and the capacity of the regional food market of Sughd region for the period up to 2030 are determined on the basis of economic and mathematical models with their subsequent expert assessment. Special attention is paid to the prospective assessment of the region's self-sufficiency in locally produced commodities in the coming five years. The priority directions of ensuring the development of commodity resources of the regional food market are determined. Special attention is paid to the issues of improving the infrastructure of the regional food market and the clustering of its subjects.

Ба чопаш 14.07.2025 имзо шуд.
Андозаи 60х84 1/16. Коғази офсетӣ.
Адади нашр 100 нусха. 1,5  ҷузъи чопӣ.
Дар матбааи ДМТ чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак

Подписано в печать 14.07.2025. Формат 60х84 1/16.
Бумага офсетная. Тираж 100 экз. Усл.п.л. 1,5.
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г. Душанбе, Буни Хисорак